## Пешгуфтор

Мо хурсандем, ки шумо барои омӯзиши Навиштаи Пок шавқ доред. Курсҳои ғоибонаи «Аммоус» муқаддимаи хуби Навиштаи Пок мебошанд ва қадам ба қадам шуморо дар роҳи дарки ҳақиқатҳои бузурги он ҳамроҳӣ хоҳанд кард.

Ба шумо тақрибан 20 китобҳои дарсӣ пешкаш карда мешаванд, ки дар онҳо ҳақиқатҳои муҳими Навиштаҳо, китобҳои Паймони Навин ва дигар мавзӯъҳо таҳлил карда мешаванд.

Мақсади мо – ба шумо ёрӣ расондан, то шумо ба он ҳудуде бирасед, ки ба воситаи муносибатҳои шахсӣ бо Исои Масеҳ барои ҷалоли Худо зиндагӣ намоед. Касе набояд худро одами бетолеъ ҳис кунад: мо барои пирӯзӣ зода шудаем. Аз чӣ сар кунем? Касе инро чунин баён намудааст: «Аз пайраҳаҳои тираву тори гуноҳ роҳи бозгашт сӯи Худо ҳаст. Дари кушода ҳаст, то ки ту даромада тавонӣ. Ҳангоме чун гуноҳкор назди Исо меоӣ, дар назди салиби Ҷолҷолто ибтидои нави худро пайдо мекунӣ».

Корҳои шуморо аз рӯи яке аз мавзӯъҳои пешниҳодшуда тафтиш намуда ва баҳо дода, ба шумо гувоҳнома, ки оиди хатми ин курс шаҳодат медиҳад (ба шарте ки ба на камтар аз 60% саволҳо ҷавобҳои дуруст дода бошед), ва инчунин маводи курси ояндаро мефиристем.

Ҳангоме шумо 12 курси аввалро бо муваффақият меомӯзед, ба шумо «Диплом» дода мешавад. Ба шумо маслиҳат дода мешавад, ки ҳам гувоҳномаҳо ва «Диплом», ҳам ҳамаи китобҳоро нигоҳ доред, чунки дар оянда онҳо ба шумо лозим меоянд.

## Омӯзишро чӣ гуна ташкил бояд кард

Ба Худо бо дуо муроҷиат кунед, то дили шумо барои дарки он ҳақиқатҳое ки Ӯ ба воситаи Каломи Худ ба шумо меомӯзонад, кушода шавад.

Дар давоми омӯзиши ҳар курси ғоибона шумо мустақилона кор мекунед, чунки омӯзиш ҳама вақт кори мустақилона аст. Барои ҳамин, ҳатто агар инро на он қадар хоҳед ҳам, аз аввал худро ба он тайёр кунед, ки курсро аз ибтидо то охир омӯзед. Маҳз дар

натиҷаи омӯзиши хонагии Навиштаҳо бисёр одамон ба Худо хеле беҳтар хизмат карданро оғоз намуданд.

## Маълумоти умумӣ

Ҳар як дарс ба худ якчанд саҳифаи маводи дарсӣ ва маҷмӯи саволҳои имтиҳониро дар бар мегирад. Вазифаи шумо аз он иборат аст ки маводи дарсиро дар китоби таълимӣ бо диққат омӯзед, матни мувофиқро аз Навиштаи Пок хонед, ва баъд кӯшиш карда, ба саволҳо аз дафтари имтиҳонӣ ҷавоб гӯед.

Ҳамаи дарсҳоро омӯхта ва вазифаҳоро дар дафтари имтиҳонӣ иҷро намуда, онро барои тафтиш ба суроғаи муайян фиристед. Дар ҷавоб ба шумо маводи имтиҳонии аз тарафи дастурдиҳанда тафтишшуда бо мулоҳизаҳо ва нишондодҳои иловагӣ фиристода мешавад, ки ба шумо барои кори минбаъда ёрӣ мерасонад. Онҳоро бо диққат дида баромада, ба ҷавобҳои саволҳое ки барои шумо мушкил буданд, аҳамият диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳар як дарси гузашта ба шумо фаҳмо буд. Агар дар охири курсҳо саволҳо пайдо кунед, оиди ин ба дастурдиҳандаи худ муроҷиат намоед. Муҳим аст, ки шумо то охир тамоми маводи дарсии курсро аз худ кунед.

## Методҳои омӯзиш

1. *Ҷадвал тартиб диҳед*

Барои бо муваффақият омӯхтани курси ғоибона муайян кунед, ки чанд соат дар як ҳафта ба омӯзиш машғул мешавед. Мо бо исрор аз шумо хоҳиш менамоем, ки на камтар аз се соат дар як ҳафта ба омӯзиш машғул шавед. Ба омӯзиш ҳар қадар бештар вақт ҷудо кунед, ҳамон қадар курс бароятон таъсирбахштар хоҳад шуд.

Дар ин курсҳо мунтазамӣ аҳамияти калон дорад. Байни омӯзиши дарсҳо фосилаҳои зиёдро нагузоред. Ва аз ҳама муҳим ягон дарсро наомӯхта нагузоред! Ҳамин ки шумо дарсҳоро ба вақти дигар гузоред ё сарфи назар кунед, боз аз нав баргаштан мушкилтар хоҳад шуд.

2. *Хонед ва кӯшиш намоед, то хондагиатонро дарк намоед*

Инак якчанд маслиҳатҳое ки метавонанд ба шумо даркор шаванд.

Бо дуо сар кунед ва аз Худо хоҳиш намоед, то дили шуморо барои он ҳақиқатҳои Каломаш, ки ба воситаи он шуморо меомӯзонад, кушояд (Забур 118:18). Ба омӯзиши курс сар карда, пеш аз ҳама мавзӯъҳои дарсҳоро дида бароед. Сипас, камаш ду маротиба, маводи дарсиро бо диққат омӯзед – як бор барои тасаввуроти умумӣ пайдо кардан, ва баъд боандеша, саросема нашуда, бори дигар. Диққати махсусро ба порчаҳои Навиштаҳо диҳед. Омӯзиш ва хондани Каломи Худо – худ аз худ муҳим аст ва махсусан – ҳамчун қисми таркибии дарс.

Маводи дарсиро омӯхта, дар ҳар як банд фикрҳо, калимаҳо ва ибораҳои асосиро қайд намоед. Ин лаҳзаҳои муҳим зуд-зуд дар шакли ҷамъбастӣ дар охири ҳар як дарс вомехӯранд. Ба ин аҳамият диҳед. Дар ҳар як ҳошия қайдҳо гузоред, ки ҳангоме аз нав ба матн бармегардед, ба шумо ёрӣ хоҳанд расонд. Маводи дарсиро бо матни Навиштаҳо муқоиса намоед.

Дар матни дарс истилоҳҳои мушкил маънидод карда шудаанд. Ғайр аз ин калимаҳое вохӯрда метавонанд, ки ба шумо тамоман ношиносанд. Дар ин ҳолат аз ягон луғатномаи хуби Навиштаи Пок истифода баред.

3. *Боғайрат бошед*

Мувофиқи ҷадвалатон омӯзиши мунтазами худро давом диҳед.

Бигзор хатоҳоятон шуморо безобита накунанд – муҳим он аст, ки шумо аз онҳо дарси ибрат гиред. Имтиҳон бо пуррагӣ нишон хоҳад дод, ки шумо маводи омӯхтаатонро то чӣ андоза омӯхтед.

Оқилона истифода бурдани вақти худро омӯзед. Онро барои дида баромадан ва ба хотир гирифтани маводи дарсӣ дареғ надоред, чунки он метавонист беҳуда гузарад!

4. *Диққати худро барои ба даст овардани мақсади охирин равона кунед*

Ҳамчун донишҷӯи курсҳои ғоибонаи «Аммоус» шумо ба лашкари якчандмиллионаи одамоне медароед, ки худро ба омӯзиши хонагии Навиштаи Пок бахшидаанд. Ба бисёриҳо ин курсҳо роҳи ҷиддии хизмати Худоро кушодаанд.

## Оиди он ки Каломи Худоро чӣ гуна дуруст таълим додан даркор аст

«Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳӣ, ҳамчун коркуне ки хиҷил намешавад ва каломи ростиро дуруст мавъиза мекунад» (2Тимотиюс 2:15).

Каломи ҳақиқатро дуруст, бо тартиби муайян бояд таълим дод ва омӯхт; онро низ бояд фаҳмид, ки чуноне ки бе риояи ин тартиб «коргари беайб» шудан имкон надорад, ҳамчунин омӯхтани Калом низ бе риояи ин тартиб аксаран бе фоида ва душвор аст. Бисёр масеҳиён рӯйрост иқрор мешаванд, ки омӯхтани Навиштаҳо ба назарашон машғулияти хастакунанда менамояд. Аммо онҳое ки шарм медоранд ба ин иқрор шаванд, боз бисёртаранд.

Мақсади ин курс аз он иборат аст, ки қисмҳои муҳими Каломи Ҳақиқат дида баромада шаванд. Албатта ба даст овардани ин мақсад бе таҳлили ҳамаҷонибаи Навиштаҳо имконнопазир аст; аммо курс маълумоти кофиеро дар бар мегирад, ки ба донишҷӯи боғайрат имкон медиҳад хусусиятҳои муҳими ҳақиқатро омӯзад, инчунин зебоӣ ва ҳамоҳангии Каломи Худоро ҳис кунад, ки барои ақли нотайёр танҳо тӯдаи идеяҳои бетартиб ва ба якдигар мухолиф метобад.

## ДАРСИ ЯКУМ

# Яҳудиён, ғайрияҳудиён ва Ҷамоат

*Ояти асосӣ: «На яҳудиёнро ба васваса андозед, на юнониёнро, на калисои Худоро» (1Қӯринтиён 10:32)*

Ҳамаи онҳое ки Навиштаи Покро ақаллан андаке бо диққат мехонанд, надида наметавонанд, ки зиёда аз ними таркиби он ба як халқ, халқи Исроил алоқа дорад. Ҳамчунин маълум аст, ки дар амалҳо ва нақшаҳои Худо онҳо ҷои комилан *махсус*ро ишғол менамоянд. Онҳоро аз байни тамоми инсоният ҷудо намуда, Яҳува бо онҳо аҳд баст ва ба онҳо ваъдаҳои махсусе дод, ки ҳеҷ гоҳ ба ягон халқ надода буд. Дар китобҳои таърихӣ ва пешгӯии Паймони Куҳан танҳо оиди таърихи исроилиён гуфта шудааст; оиди дигар халқҳо танҳо дар он маврид гуфта мешавад, ки онҳо бо халқи Исроил робита доштанд. Инчунин равшан мегардад, ки ҳамаи робитаҳои Яҳува бо Исроил ҳамчун халқ, танҳо ба ҳаёти заминӣ дахл дорад. Агар халқ ба Худо бовар кунад ва ба Ӯ итоат кунад, ба он ҷалоли заминӣ, сарват ва ҳокимият ваъда карда мешаванд; агар халқ ба Худо бовар ва итоат накунад, он «дар миёни ҳамаи қавмҳо, аз як канори замин то канори дигари замин» (Такрори Шариат 28:64) пароканда хоҳад шуд. Ҳатто ваъдаи Масеҳ ба баракати «ҳамаи халқҳои *Замин*» дахл дорад.

Навиштаҳоро омӯхта, пай мебаред, ки оиди гурӯҳи калони дигари одамон низ, ки Ҷамоат ном дорад, бисёр гуфта мешавад. Ин гурӯҳ низ бо Худо муносибати махсус дорад ва монанди Исроил аз Ӯ ваъдаҳои муайян гирифтааст. Аммо монандии онҳо дар ин ҷо ба охир мерасад ва фарқи ҳайратангез байни онҳо оғоз мешавад. Ин гурӯҳ на танҳо аз як авлодони Иброҳим иборат аст, баръакс, дар он фарқи байни яҳудиён ва ғайрияҳудиён бартараф карда шудааст. Муносибатҳои Ҷамоат бо Худо на дар асоси аҳд, балки дар зодашавӣ асос ёфтааст. Дар он ҷое ки итоат ҷалоли заминӣ ва сарват меоварад, Ҷамоат даъват карда мешавад, ки бо хӯрок ва либос қаноат кунад ва ба таъқиботу бадбинӣ тайёр бошад. Ба хонанда инчунин фаҳмо мегардад, ки Исроил

пурра ба таври муайян бо ҳама чизи гузаранда, муваққатӣ ва заминӣ алоқаманд буд, Ҷамоат бошад бо чизҳои рӯҳонӣ ва осмонӣ алоқаманд аст.

Сипас Навишта ба хонанда ошкор мекунад, ки на Исроил ва на Ҷамоат ҳамеша вуҷуд надоштанд ва оиди пайдоиши онҳо гап мезанад. Пайдоиши Исроил аз даъват шудани Иброҳим оғоз меёбад. Агар гап дар бораи ташкилёбии Ҷамоат равад, хонанда (шояд бар хилофи чашмдошташ, чунки ӯро ҳамеша таълим медоданд, ки Одам ва нахустпадарон аллакай аъзои Ҷамоат буданд) дарк мекунад, ки он на пеш вуҷуд дошт ва на дар айёми ҳаёти заминии Масеҳ, чунки Масеҳ оиди Ҷамоат *чун оиди оянда* гуфтааст (Матто 16:18): «Ва бар ин сахра ман Ҷамоати Худро бино мекунам».

На ин ки «бино кардам», ё «бино карда истодаам», балки «бино мекунам».

Ва аз Эфсӯсиён 3:5-10 равшан мегардад, ки Ҷамоат боре ҳам дар Паймони Куҳан зикр нашудааст, дар он вақтҳо он сирре буд, ки «аз азал дар Худо ниҳон буд». Оиди пайдоиши Ҷамоат дар китоби Аъмол, боби 2, хондан мумкин аст, оиди ба анҷом расидани аъмоли он дар замин – дар 1Таслӯникиён 4.

Ғайр аз ин, хонанда дар Навиштаҳо боз як гурӯҳи одамонро пайдо мекунад, ки гоҳ-гоҳ вомехӯранд ва аз Исроил ва Ҷамоат ҳаматарафа фарқ мекунанд – инҳо ғайрияҳудиён мебошанд. Оиди фарқ дар ҳолат ва мақоми яҳудиён, ғайрияҳудиён ва Ҷамоат метавон мухтасаран дар оятҳои зерин хонд:

| **Яҳудиён** | **Ҷамоат** | **Ғайрияҳудиён** |
|---|---|---|
| Румиён 9:4-5; | Эфсӯсиён 1:22-23; | Эфсӯсиён 2:11-12; |
| Юҳанно 4:22; | Эфсӯсиён 5:29-33; | Эфсӯсиён 4:17-18; |
| Румиён 3:1-2. | 1Петрус 2:9. | Маркус 7:27-28 |

Ҳамин тариқ ҳамаи он чиро, ки оиди Исроил ва Ҷамоат гуфта мешавад, муқоиса намуда, хонанда дарк мекунад, ки онҳо дар ҳама чиз муқобиланд:

пайдоиш, даъват, ваъдаҳо, парастиш, принсипҳои рафтор ва таъиноти оянда.

Биёед *даъвати* Исроил ва Ҷамоатро муқоиса менамоем.

| **Исроил** | **Ҷамоат** |
|---|---|
| «Ва Худованд ба Абром гуфт: аз замини худ, аз ақрабои худ ва аз хонаи падари худ сӯи замине ки ба ту нишон диҳам, равона шав» (Ҳастӣ 12:1). | «Пас, эй бародарони муқаддас, ки дар даъвати осмонӣ шарик ҳастед» (Ибриён 3:1).<br>«Лекин иқоматгоҳи мо акнун дар осмон аст» (Филиппиён 3:20). |
| «Зеро ки Худованд Худоят туро ба замини некӯ мебарад, ба замини пур аз наҳрҳои об, чашмаҳо ва ҷӯйҳо, ки дар водиҳо ва кӯҳҳо ҷорӣ мешаванд; ба замини пур аз гандум ва ҷав, ва ангур ва анҷир ва анор, ба замини пур аз равғани зайтун ва асал; ба замине ки дар он ба танқисӣ нон нахоҳӣ хӯрд, ва дар он ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нахоҳӣ буд; ба замине ки сангҳояш оҳан аст, ва аз кӯҳҳояш мис хоҳӣ канд» (Такрори Шариат 8:7-9). | «Исо ба вай гуфт: Рӯбоҳон лона ва мурғони ҳаво ошёна доранд; лекин Писари Одам ҷое надорад, ки сар ниҳад» (Матто 8:20).<br>«Барои мероси бефано, пок ва пажмурданашаванда, ки дар осмон барои шумо маҳфуз аст» (1Петрус 1:4).<br>«То ҳамин соат гурусна ва ташна, бараҳна ва шал-лоқхӯр ва сарсону саргар-дон ҳастем» (1Қӯринтиён 4:11). |
| «Ва гуфт: «Ман ғуломи Иброҳим ҳастам. Ва Худованд оғои маро бисёр баракат додааст, ва ӯ бузург шудааст, ва гӯсфандону говон, нуқра ва тилло, ғуломону канизон, шутурону харон ба ӯ додааст» (Ҳастӣ 24:34-35). | «Исо ба гирду пеш нига-риста, ба шогирдонаш гуфт: Ба Малакути Худо дарома-дани сарватдор чӣ гуна душвор аст!» (Марқус 10:23).<br>«Гӯш диҳед эй барода-рони маҳбуби ман: оё Худо камбағалони оламро инти-хоб накардааст, ки сарват-дор дар бовар ва ворисони |

| | |
|---|---|
| «Ва Худованд туро сар хоҳад кард, на дум; ва фақат баланд хоҳӣ буд, на паст» (Такрори Шариат 28:13). «Худованд душманони туро, ки ба зидди ту қиём менамоянд, пеши ту мағлуб хоҳад кард; бо як роҳ ба зидди ту хоҳанд омад, ва бо ҳафт роҳ аз пеши ту хоҳанд гурехт» (Такрори Шариат 28:7). | Малакуте бошанд, ки онро Ӯ ба дӯстдорони Худ ваъда кардааст?» (Яъқуб 2:5). «Пас, ҳар кӣ худро мисли ин кӯдак фурӯтан созад, дар Малакути Осмон вай бу-зургтар аст» (Матто 18:4). «Шуморо аз куништҳо хоҳанд ронд; ва ҳатто соате мерасад, ки ҳар кӣ шуморо бикушад, гумон кунад, ки хизмате ба Худо мекунад» (Юҳанно 16:2). |

Дар ин ҷо, албатта, оиди он гуфта намешавад, ки яҳудии худотарс баъд аз марг ба осмонҳо намеравад. Фарқ дар он аст, ки ӯро на баракатҳои осмонӣ, балки заминӣ *ҳавасманд мекарданд*. Зикр кардан лозим намеояд, ки дар ин давра ҳам яҳудӣ, ҳам ғайрияҳудӣ танҳо бо бовар ба Худованд Исои Масеҳ, ки ҳар ду ба воситаи он аз нав зода мешаванд, наҷот меёбанд (Юҳанно 3:3,16), ва дар ҳамин «як тан» таъмид ёфтаанд (1Қӯринтиён 12:13), ки «Ҷамоат!» мебошад (Эфсӯсиён 1:22-23). Дар Ҷамоат фарқ байни яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ бартараф карда мешавад (1Қӯринтиён 12:13; Ғалотиён 3:28; Эфсӯсиён 2:14). (Дар Эфсӯсиён 2:11 фириста оиди онҳо ҳамчун «як вақте ғайрияҳудиён» мегӯяд, ва дар 1Қӯринтиён 12:2 «вақте шумо ғайрияҳудӣ будед» гуфта мешавад).

Фарқи байни исроилиён ва Ҷамоатро баъдтар дар қоидаҳои рафтор, ки ба онҳо дода шудааст, пай бурдан мумкин аст. Биёед онҳоро муқоиса менамоем.

| Исроил | Ҷамоат |
|---|---|
| «Чашм дар ивази чашм, дандон дар ивази дандон, даст дар ивази даст, пой дар ивази пой, сӯзониш | «Лекин ман ба шумо мегӯям: ба бадӣ муқобилат накун. Балки агар касе ба рухсораи |

| | |
|---|---|
| дар ивази сӯзониш, ҷароҳат дар ивази ҷароҳат, лат дар ивази лат» (Хуруҷ 21:24-25). | рости ту торсакӣ занад, дигарашро низ ба сӯи ӯ бигардон» (Матто 5:39). |
| «Ҳангоме ки Худованд Худоят туро ба замине ки барои тасарруф кардани он ба он ҷо меравӣ, дароварад, ва халқҳои бисёрро... бадар ронад, ва онҳоро Худованд Худоят ба дасти ту бисупорад, ва ту онҳоро зарба занӣ, – он гоҳ онҳоро тамоман торумор намо, бо онҳо аҳд набанд, ва ба онҳо раҳм накун» (Такрори. Шариат 7:1-2). | «Моро дашном медиҳанд, мо баракат медиҳем; ба мо зулм мекунанд, мо тоқат меоварем» (1Қӯринтиён 4:12-13). «Лекин ман ба шумо мегӯям: душманони худро дӯст бидоред, барои лаънат-кунандагони худ некӣ кунед ва барои озордиҳандагону таъқибкунандагони худ дуо гӯед» (Матто 5:44). |

Инчунин Такрори Шариат 21:18-20; Луқо 15:20-23-ро нигоҳ кунед.

Муқобилгузориро мо дар он чи ба макони барои парастиш муқарраршуда дахл дорад, меёбем. Исроил метавонист танҳо дар як ҷо ва дар масофаи дур аз Худо парастиш кунад, яъне: вай ба воситаи коҳин назди Худо меомад. Ҷамоат дар он ҷо парастиш мекунад, ки ду ё се нафар ҷамъ шудаанд ва вай бо ҷуръат ба Поки покҳо дохил мешавад, ва он аз муқаддасон иборат аст. Ин оятҳоро муқоиса намоед: Ибодат 17:8-9 ва Матто 18:20; Луқо 1:10 ва Ибриён 10:19-20; Ададҳо 3:10 ва 1Петрус 2:5.

Фарқияти боз ҳам ҳайратангезро мо дар пешгӯиҳо оиди ояндаи Исроил ва Ҷамоат пайдо мекунем. Ҷамоат пурра аз замин ба осмон гирифта мешавад, Исроили барқароршуда бошад ҳанӯз акнун қудрат ва ҷалоли заминии худро ба даст меоварад. Мебинем, ки Навишта дар ин бора чӣ мегӯяд.

## Оиди Ҷамоат

«Дар хонаи Падари Ман иқоматгоҳ бисёр аст; ва агар чунин намебуд, магар ба шумо мегуфтам:

”Меравам, то ки барои шумо ҷой тайёр кунам”. Ва ҳангоме ки биравам ва барои шумо ҷой тайёр кунам, боз омада, шуморо бо Худ мебарам, то дар он ҷое ки Ман ҳастам, шумо низ бошед» (Юҳанно 14:2-3).

«Зеро инро ба шумо бо каломи Худованд мегӯем, ки мо, зиндаҳо, ки то омадани Худованд боқӣ мондаем, аз мурдагон пешдастӣ нахоҳем кард, чунки Худи Худованд бо бонги даъват, бо садои фариштаи муқарраб ва карнайи Худо, аз осмон нузул хоҳад кард, ва онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, аввал эҳё хоҳанд шуд (зинда шудан); баъд мо, зиндаҳо, ки боқӣ мондаем, бо якҷоягии онҳо бар абрҳо бурда хоҳем шуд, то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гирем, ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд хоҳем буд» (1Таслӯникиён 4:15-17).

«Лекин иқоматгоҳи мо акнун дар осмон аст, ки аз он ҷо Исои Масеҳи Худовандро, ҳамчун Наҷотдиҳанда, интизор дорем, ки Ӯ ҷисми залили моро ба шабоҳати ҷисми ҷалили Ӯ бо амали ҳамон қуввате дигаргун хоҳад кард, ки бо он Ӯ ҳама чизро ба Худ тобеъ намуда метавонад (Филиппиён 3:20-21).

«Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз маълум нашудааст он чи хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ хоҳем буд, зеро Ӯро, чунон ки ҳаст, хоҳем дид (1Юҳанно 3:2).

«Ба ваҷд меоем ва шодӣ мекунем ва Ӯро ҷалол медиҳем, зеро ки никоҳи Барра фаро расидааст, ва завҷаи Ӯ худро тайёр кардааст. Ва ба вай ато шуд, ки катони тоза ва дурахшон дар бар кунад; зеро ки он катон адолати муқаддасон аст. Ва ба ман гуфт: «Бинавис: ”Хушо онҳое ки ба базми никоҳи Барра даъват шудаанд”»
(Ваҳй 19:7-9).

«Хушбахт ва қуддус аст касе ки дар эҳёи якум иштирок дорад: бар онҳо мамоти дуюм қудрат надорад, балки онҳо коҳинони Худо ва Масеҳ хоҳанд шуд ва бо Ӯ ҳазор сол салтанат хоҳанд ронд» (Ваҳй 20:6).

## Оиди Исроил

«Ва инак, ҳомила шуда, Писаре хоҳӣ зоид, ва Ӯро Исо хоҳӣ номид; ва Ӯ бузург хоҳад буд ва Писари Ҳаққи Таоло номида хоҳад шуд; ва Худованд Худо тахти падараш Довудро ба Ӯ хоҳад дод; ва Ӯ бар хонадони Яъқуб то абад салтанат хоҳад ронд, ва салтанати Ӯ интиҳо нахоҳад дошт» (Луқо 1:31-33).

(Аз ин ҳафт ваъда панҷтояш аллакай айнан ба амал омаданд. Дутои боқимонда дар оянда ба амал меоянд.)

«Шимъӯн фаҳмонда дод, ки чӣ гуна Худо аввал ба ғайрияҳудиён назар андохт, то ки аз миёни онҳо қавме ба исми Худ бигирад; гуфтаҳои анбиё низ ба ин мутобиқ аст, чунон ки навишта шудааст: "Баъд аз ин руҷӯъ намуда, хаймаи Довудро, ки фурӯ ғалтидааст, аз нав барқарор мекунам ва харобаҳои онро обод мегардонам ва барпо менамоям» (Аъмол 15:14-16).

«Пас, ман мегӯям: магар Худо қавми Худро рад кардааст? Ба ҳеҷ ваҷҳ. Зеро ки ман ҳам исроилӣ, аз насли Иброҳим, аз сибти Бинёмин ҳастам. Пас, ман мегӯям: оё онҳо то ба дараҷае пешпо хӯрдаанд, ки фурӯ ғалтанд? Ба ҳеҷ ваҷҳ. Аммо аз пешпохӯрии онҳо ба халқҳо наҷот омад, то ки рашки онҳоро ба вуҷуд оварад... Зеро, агар ту аз зайтуни табиатан ёбоӣ бурида шуда, бар хилофи табиат ба зайтуни хуб пайванд шуда бошӣ, пас алалхусус инҳо, ки шохаҳои табиӣ ҳастанд, ба зайтуни худ пайванд хоҳанд шуд. Зеро, эй бародарон, ман намехоҳам, ки шумо худро доно пиндошта, аз чунин сир бехабар монед, ки як қисми Исроил ба сангдилӣ гирифтор шудааст то вақте ки шумораи пурраи ғайрияҳудиён дохил шаванд, ва он гоҳ ТАМОМИ ИСРОИЛ НАҶОТ ХОҲАД ЁФТ, чунон ки навишта шудааст: "Аз Сион Раҳокунанда хоҳад омад ва маъсиятро аз Яъқуб дафъ хоҳад кард"»
(Румиён 11:1, 11, 24-26).

«Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки Худованд дубора дасти Худро дароз хоҳад кард, то ки бақияи қавми Худро баргардонад... Ва Ӯ ливое барои халқҳо барафрошта, рондашудагони Исроилро ҷамъ хоҳад

кард, ва парокандагони Яҳудоро аз чор канори дунё фароҳам хоҳад овард (Ишаъё 11:11-12).

«Зеро ки Худованд ба Яъқуб раҳм хоҳад кард, ва Исроилро боз хоҳад баргузид, ва онҳоро дар заминашон ҷойгир хоҳад кард; ва аҷнабиён ба онҳо ҳамроҳ шуда, ба хонадони Яъқуб хоҳанд пайваст» (Ишаъё 14:1).

«Бинобар ин, инак айёме фаро мерасад, – мегӯяд Худованд, – ки дигар гуфта нахоҳад шуд: "Қасам ба ҳаёти Худованд, ки банӣ Исроилро аз замини Миср берун овард", балки: "Қасам ба ҳаёти Худованд, ки банӣ Исроилро аз замини шимолӣ ва аз ҳамаи заминҳое ки онҳоро ба он ҷо бадар ронда буд, берун овард"; зеро ки Ман онҳоро ба замине ки ба падаронашон дода будам, хоҳам баргардонид"» (Ирмиё 16:14-15).

«Инак, айёме фаро мерасад, – мегӯяд Худованд, – ки Ман Шохаи одиле барои Довуд барқарор хоҳам намуд, ва Подшоҳе салтанат хоҳад ронд, ва хирадмандона рафтор хоҳад намуд, ва инсофу адолатро дар замин ба амал хоҳад овард. Дар айёми Ӯ Яҳудо наҷот хоҳад ёфт ва Исроил дар амният сокин хоҳад шуд; ва ин аст исми Ӯ, ки бо он хонда хоҳад шуд: "ХУДОВАНД АДОЛАТИ МО!"»
(Ирмиё 23:5-6).

«Инак, Ман онҳоро аз ҳамаи заминҳое ки дар ғазаб ва хашм ва қаҳри бузурги Худ онҳоро ба он ҷо бадар ронда будам, ҷамъ хоҳам овард, ва онҳоро ба ин макон баргардонида, дар амният сокин хоҳам кард. Ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд, ва Ман Худои онҳо хоҳам буд» (Ирмиё 32:37-38).

«Тараннум намо, эй духтари Сион! Нидоҳои шодмонӣ бидеҳ, эй Исроил! Аз тамоми дил шодӣ ва хурсандӣ бикун, эй духтари Уршалим! Худованд азиятҳои туро дур карда, душманонатро аз миён бардоштааст; Худованд, ки подшоҳи Исроил аст, андаруни туст, ва ту дигар бадӣ нахоҳӣ дид» (Сафанё 3:14-15).

Метавон бо боварӣ гуфт, ки аз сабабҳои дигар дида яҳудикунонии Ҷамоат дар дараҷаи хеле зиёдтар тараққиёти онро суст кард, мақсадашро нодуруст кард ва ба рӯҳонияти он зарари калон расонд. Ба ҷои

он ки ба даъвати осмонӣ итоат карда, аз пайи Худованд бо роҳи аз ҷаҳон дур шудан равад, он Навиштаҳои яҳудиро истифода мебурд, то ки чунин амалҳои худро сафед кунад: кӯшиши ба ҷаҳон овардани тамаддун, майл ба сарват, шавқ ба маросимҳои ботантана, бунёд намудани ибодатхонаҳои пуршукӯҳ ва баракат хостан ба артишҳои меҷангида ва ба «рӯҳоният» ва «қавми ҷамоат» ҷудо кардани бародарии ягона.

*Ин дарсро омӯхта, кори тафтишии рақами 1-ро иҷро намоед. Ҷавобҳоятонро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири ин китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед. Сипас кори имтиҳонии 1-ро иҷро кунед.*

## Кори тафтишии 1

### Оё шумо маводи дарси гузаштаро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рост гирди ҳарфи Д (дуруст) ё Н (нодуруст) доира кашед.*

1. Қисми зиёди Китоби Муқаддас бо Исроил алоқаманд аст. Д Н

2. Дигар халқиятҳо дар Китоби Муқаддас танҳо дар робита бо яҳудиён зикр мешаванд. Д Н

3. Мувофиқи Китоби Муқаддас Ҷамоат ва Исроил комилан як чиз аст. Д Н

4. Худо ба ҳамаи масеҳиён ҳамчун мерос сарвати моддиро ваъда кардааст. Д Н

5. Дар пешгӯиҳои Паймони Куҳан аксар вақт ҷамоат зикр мешавад. Д Н

6. Ояти асосии тамоми дарси гузашта 1Қӯринтиён 10:32 мебошад. Д Н

7. Дар давраи Паймони Куҳан яҳудиён барои ҳавас-

манд шудан баракатҳои заминӣ мегирифтанд. Д Н

8. Парастиши Паймони Навин танҳо давоми тамоми система ва принсипҳои Паймони Куҳан аст. Д Н

9. Ояндаи Исроил ва ояндаи Ҷамоат хеле монанд ҳастанд. Д Н

10. Яҳудикунонии масеҳият ба пешрафт, фаъолият ва рӯҳонияти Ҷамоат зарари калон расонд. Д Н

*Ҷавобҳои дурустро шумо дар охири китоб хоҳед ёфт. Ин кори тафтиширо барои тафтиш ба Мактаби Ғоибона нафиристед.*

**ДАРСИ ДУЮМ**

# Ҳафт марҳила

Дар Навиштаҳо вақт (яъне аз замони пайдоиши Одам то «осмон ва замини нав», ки дар Ваҳй 21:1 гуфта шудааст) ба ҳафт давраи нобаробар тақсим шудааст, ки одатан онҳоро «марҳилаҳо» меноманд, аммо баъзан онҳоро «асрҳо» низ (Эфсӯсиён 2:7) меноманд ва инчунин «рӯзҳо», масалан, «рӯзи Худованд» ва ғ.

Ин давраҳо аз якдигар бо баъзе дигаргуниҳо дар усулҳое ки Худо нисбати инсоният ё қисми инсоният амал мекунад, фарқ доранд; ва ин ба ду масъала дахл дорад: масъалаи гуноҳ ва масъалаи масъулияти одам. Ҳар як марҳила метавонад санҷиши одами табиӣ ба ҳисоб равад ва ҳар як марҳила бо доварӣ хотима меёбад, ки маънои мағлубияти одамро дар ҳар як марҳила дорад.

Панҷ марҳила ё давра аллакай ба охир расиданд; ҳоло мо дар шашумаш зиндагӣ мекунем, ки он аз афташ ба охир расида истодааст, ва дар пеш мо

марҳилаи охирин, ҳафтумро дорем, – марҳилаи ҳазорсола.

## Одами бегуноҳ

Ин марҳила аз давраи офарида шудани Одам оғоз меёбад (Ҳастӣ 2:7) ва бо ронда шудани ӯ аз биҳишт анҷом меёбад. Одам, ки тоза ва бегуноҳ офарида шуда буд ва некию бадиро намедонист, ба боғи биҳишт бо ҳамсари худ Ҳавво гузошта шуда буд; ӯ барои он вазифадор буд, ки онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ аз меваи дарахти маърифати неку бад нахӯранд. Ин марҳилаи бегуноҳӣ бо мағлубияти аввалини одам анҷом ёфт, ва бо натиҷаҳои худ аз ҳама даҳшатовартарин буд. Он бо доварӣ анҷом ёфт: «Ва Худованд Худо ӯро ронд». Ниг. Ҳастӣ 1:26, 2:16; 3:6, 22-24.

## Одам ва виҷдон

Бо гуноҳ кардан Одам ва Ҳавво дониши неку бадро ба даст оварданд ва онро ба тамоми инсоният расонданд. Ин асоси муҳокимаи дурусти (аз рӯи виҷдон) рафтори ахлоқии худ гардид ва барои ҳамин инсоният масъулият пайдо намуд, ки корҳои некро иҷро намояду аз бадӣ канораҷӯӣ кунад. Натиҷаи марҳилаи виҷдон, аз Адан то тӯфон (вақте ки ҳанӯз на ҳокимият вуҷуд дошт ва на шариат) он гашт, ки «ҳар як ҷисм роҳи худро дар замин фосид (вайрон) кардааст»; «бадкирдории одамизод дар замин бисёр аст, ва ҳамаи фикру андешаҳои дили ӯ ҳамеша фақат бад аст»; ва Худо санҷиши дуюми одами табииро бо доварӣ ба анҷом расонд: яъне бо тӯфон. Ҳастӣ 3:7, 22; 6:5,11-12; 7:11-12,23.

## Одам ва ҳокимият дар замин

Худо аз тӯфони даҳшатовар ҳашт нафарро наҷот дод, ва пас аз он ки об паст шуд, ба онҳо замини тозашуда ва қудрат дод, то бар он ҳукмронӣ кунанд. Инро бояд Нӯҳ ва наслҳои ӯ иҷро мекарданд. Марҳилаи ҳокимияти одамӣ дар водии Шинъор бо кӯшиши беақлонаи аз Худо соҳибихтиёр будан, ки ба

доварӣ дучор шуд, анҷом ёфт: яъне бо омехта шудани забонҳо. Ниг. Ҳастӣ 9:1-2;
11:1-8.

## Одам ваъдаҳо мегирад

Худо аз ҳамаи наслҳои парокандашудаи созандагони бурҷи Бобил як нафарро, Иброҳимро даъват менамояд, ки бо ӯ аҳд бандад. Баъзе ваъдаҳое ки ба Иброҳим дода шуданд, пурра бешарт буданд. Онҳо ё аллакай иҷро шудаанд, ё иҷро мешаванд. Иҷроиши ваъдаҳои боқимонда ба бовар ва итоати исроилиён вобастагӣ дошт. Ҳамаи ин шартҳо вайрон карда шуда буданд, ва давраи ваъда боиси мағлубияти халқи Исроил гардид ва бо доварии ғуломӣ дар Миср ба анҷом расид.

Китоби Ҳастӣ, ки бо суханони бузург «Дар ибтидо Худо … офарид» оғоз меёбад, бо суханони «дар Миср дар тобут» анҷом меёбад. Ниг. Ҳастӣ 12:1-3; 15:5; 26:3; 28:12-13; 13:14-17; Хуруҷ 1:13-14.

## Одам ва шариат

Ва файзи Худованд боз ба ёрии одам омад ва халқи интихобшударо аз зулму ситам раҳоӣ дод. Дар биёбони Сино Худо ба онҳо шариати аҳдро пешниҳод намуд. Вале ба ҷои он ки бо фурӯтанӣ файзи доимиро хоҳиш намояд, халқ худбоварона ҷавоб медод: «Ҳама он чизеро, ки Худо гуфт, ба ҷо меоварем». Таърихи Исроил дар биёбон ва дар замини ваъдашуда, рӯйхати дарози вайронкуниҳои беист ва тоқатнопазири шариатро дар бар мегирад: аввал Исроил, баъд Яҳудо низ аз замини ваъдашуда ронда ва пароканда шуданд, ин парокандагӣ то ҳозир давом дорад. Боқимондаи на чандон зиёди халқ зери роҳбарии Эзро ва Наҳемё баргаштанд, аз наслҳои онҳо дар вақти муносиб Масеҳ омад: «Аз зане зодашуда – зери дасти шариат пайдошуда». Ӯро ҳам яҳудиён ва ҳам ғайрияҳудиён ба мехкӯб кардан маҳкум карданд. Хуруҷ 19:18; Румиён 3:19-20; Аъмол 2:22-23; Румиён 10:5; 4Подшоҳон 17:1-18; Аъмол 7:51-52; Ғалотиён 3:10; 4Подшоҳон 25:1-11.

## Одам ва файз

Марги қурбонии Худованд Исои Масеҳ бо худ марҳилаи файзи тозаро кушод, яъне хайрхоҳие ки мувофиқи он Худо росткориро ТӮҲФА мекунад, на ин ки росткориро ТАЛАБ мекунад, чуноне ки дар замони шариат буд.

Акнун наҷот, ки ҷовидона ва комил аст, ба яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ, баъди дар гуноҳи худ иқрор шудан ва пушаймон шудани онҳо дода мешавад, *бо бовар* ба Масеҳ.

«Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: "Амали писандидаи Худо ин аст, ки ба Он Касе ки Ӯ фиристод, имон оваред"» (Юҳанно 6:29)

«Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад» (Юҳанно 6:47)

«Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ каломи Маро бишнавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст» (Юҳанно 5:24).

«Гӯсфандони Ман ба овози Ман гӯш медиҳанд, ва Ман онҳоро мешиносам, ва онҳо маро пайравӣ мекунанд, ва Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ мебахшам, ва онҳо то абад талаф нахоҳанд шуд, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти ман кашида гирад» (Юҳанно 5:24).

«Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост: ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад» (Эфсӯсиён 2:8-9).

Натиҷаи пешгӯишудаи ин санҷиши одам, ки зери файз зиндагӣ мекунад, бо доварӣ бар ҷаҳони нобовар ва Ҷамоати азимонгашта анҷом меёбад. Луқо 18:8; 17:26-30; Ваҳй 3:15-16; 2Таслӯникиён 2:7-12.

Дар анҷоми ин марҳила рӯйдоди якум он аст, ки Худованд аз осмонҳо меояд ва муқаддасони мурда бармехезанд ва бо муқаддасони зинда ба осмон бурда мешаванд, «то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гиранд, ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд хоҳанд буд» (1Таслӯникиён 4:16-17).

Сипас давраи кӯтоҳе меоянд, ки «мусибати бузург» номида мешавад. Ниг. Матто 24:21-22; Дониёл 12:1; Сафанё 1.15-18; Ирмиё 30:5-7.

Сипас Худованд шахсан бо тамоми тавоноӣ ва ҷалоли Худ ба замин бармегардад, ва доварӣ ба амал меояд, ки ин худ саршавии марҳилаи ҳафтум ва охирин аст. Ниг. Матто 24:29-30; 25:31-46.

## Одам ва ҳукмронии шахсии Масеҳ

Баъди доовариҳои тозакунанда, ки бо омадани Масеҳ ба замин ба амал меоянд, Ӯ дар давоми 1000 сол бар Исроили барқароршуда ва тамоми замин ҳукмронӣ мекунад. Ин марҳиларо одатан подшоҳии ҳазорсола меноманд. Тахти Ӯ дар Уршалим хоҳад буд, ва муқаддасон ҳамроҳи онҳое ки дар марҳилаи файз наҷот ёфтаанд, яъне Ҷамоат, бо Ӯ дар ҷалоли Ӯ хоҳанд буд. Ниг. Аъмол 15:14-17; Ваҳй 19:11-21; Ишаъё 2:1-4; Ваҳй 20:1-6; Ишаъё 11– тамоми боб.

Аммо ҳангоме шайтон «ба муддати каме» озод мешавад, пай мебарад, ки дили одамӣ ҳанӯз ба бадӣ майл дорад, ва ӯ ба осонӣ халқҳоро барои ҷанг зидди Худованд ва муқаддасони Ӯ ҷамъ мекунад, ва ин марҳила, мисли дигар марҳилаҳо, бо доварӣ анҷом меёбад. «Тахти бузурги сафед» устувор карда мешавад, гуноҳкорони мурда зинда мешаванд ва ба доварӣ гирифтор мегарданд. Баъд «осмон ва замини нав» меоянд ва ҷовидонӣ оғоз меёбад. Ниг. Ваҳй 20:3, 7-15; бобҳои 21 ва 22.

---

Ҳарчанд мо тахмин мекунем, ки чунин тартиби марҳилаҳо фоидабахш аст, фикр намекунем, ки ин ягона нуқтаи назар ба ин масъала аст. Инчунин ба тақсимоти марҳилаҳо бовар дошта, дар айни ҳол тарафдори кӯр-кӯронаи ягон гурӯҳбандии давомнокӣ ва тартиби асрҳо набудан ҳам мумкин аст. Бисёр тадқиқотчиёни Навиштаҳои Пок чун алтернатива тақсимоти зерини марҳилаҳоро пешниҳод мекунанд:

1. Давраи аз Одам то Нӯҳ.
2. Давраи аз Нӯҳ то Иброҳим.
3. Давраи аз Иброҳим то салиби Масеҳ.
4. Давраи ҳозираи файз.
5. Давраи мусибати бузург.
6. Подшоҳии 1000 сола.
7. Абадият.

Новобаста ба он ки кадом тартиби марҳилаҳоро дуруст меҳисобед, дар хотир доштани як ҳақиқат муҳим аст: наҷот ҳамеша ба воситаи бовар ба даст меояд. Дар Паймони Куҳан одамон ба воситаи хизмати Масеҳ, ки ҳанӯз дар оянда буд, наҷот меёфтанд. Имрӯз мо ба воситаи бовар дар асоси хизмати Масеҳ, ки 2000 сол пеш карда буд, наҷот меёбем.

*Ин дарсро омӯхта, кори тафтишии рақами 2-ро иҷро намоед. Ҷавобҳоятонро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед. Сипас кори имтиҳонии 2-ро иҷро кунед.*

## Кори тафтишии 2

### Оё шумо маводи дарси гузаштаро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рост гирди ҳарфи Д (дуруст) ё Н (нодуруст) доира кашед.*

1. Марҳилаҳо ҳафт давраи ба ҳам баробари вақтро дар бар мегиранд. Д Н

2. Ҳар як марҳила бо доварӣ ба анҷом мерасад. Д Н

3. Имрӯзҳо мо дар марҳилаи охирин зиндагӣ мекунем. Д Н

4. Ба гуноҳ афтидани одам анҷоми марҳилаи якум буд. Д Н

5. Даъвати Иброҳим оғози наве буда, дар тарзи корбурди Худо бо одамон ифода меёфт. Д Н

6. Исроил хирадмандона рафтор кард, вақте ба Худо ваъда дод, ки шариати Ӯро иҷро мекунад. Д Н

7. Марҳилаи файз бо марги фидокоронаи Худованд Исо сар шуд. Д Н

8. Даврае ки мусибати бузург номида мешавад, дарҳол пас аз давраи ҳозира меояд. Д Н

9. Подшоҳии 1000-сола дар Таврот

пешгӯӣ шуда буд. Д Н

10. Нақшаи наҷот ҳамеша ба файзи Худо вобаста буд, на ба марҳила. Д Н

*Ҷавобҳои дурустро шумо дар охири китоб хоҳед ёфт. Ин кори тафтишиатонро барои тафтиш ба Мактаби Ғоибона нафиристед.*

## ДАРСИ СЕЮМ

# Ду омадан

**Ояти асосӣ:** ...*«вақте ки Он аз уқубатҳои Масеҳ ва аз ҷалоле ки баъд аз он фаро хоҳад расид, пешакӣ хабар медод» (1Петрус 1:11).*

Ҳангоме пешгӯиҳои Паймони Куҳанро бо диққат мехонед ва оиди он фикр мекунед, ду ҷараёни ба ҳам мухолиф оиди омадани Масеҳ ба тааҷҷуб меоварад. Як қисм пешгӯиҳо оиди Ӯ чун оиди Шахси ғамгин ва андӯҳгин мегӯянд, ки дар сустӣ ва хорӣ меояд, ва Ӯро бо решаи аз замини хушк кандашуда монанд мекунанд, ки Ӯро на симое буд на ҷамоле, то ҳавас кунем. Намуди зоҳирии Ӯ ҷолиб нест, дастон ва пойҳои Ӯ мехкӯб шудаанд, аз Ӯ ҳам одам рӯй гардондааст ва ҳам Худо, Ӯ бояд бо гуноҳкорон дар қабр гузошта шавад. Ишаъё 53 (тамоми боб); Дониёл 9:26, Ишаъё 7:14; Закарё 13:7; Забур 21:1-18; Марқус 14:27.

Дуюм қисми пешгӯиҳо нақл оиди омадани Ҳукмрони боҳашамат ва мағлубнашаванда аст, ки заминро бо ҷазоҳои даҳшатовар тоза мекунад, Исроилро аз нав ҷамъ мекунад, тахти Довудро бо ҷалоле ки ҳашамати тахти Сулаймон ба он баробар шуда наметавонад, барқарор мекунад ва ҳукмронии осоиши пурра ва росткории комилро барқарор менамояд. Ишаъё 11:1-2, 10-12; Дониёл 7:13-14; Такрори Шариат 30:1-7; Мико 5:2; Ишаъё 9.6-7;

24:21-23; 40:9-11; Матто 1:1; 2:2; Луқо 1:31-33; Ирмиё 23:5-8.

Иҷроиши пешгӯиҳо оиди Масеҳ дар вақти муқарраршуда бо зодашавии Писар аз бокира оғоз ёфт (чуноне ки Ишаъё пешгӯӣ карда буд), дар Байт-Лаҳм (чуноне ки Мико пешгӯӣ карда буд), ва бо иҷроиши аниқи ҳамаи пешгӯиҳо оиди хории Масеҳ давом ёфт; зеро пеш аз барқароршавии подшоҳӣ гуноҳ бояд мағлуб карда шавад. Аммо яҳудиён нахостанд Подшоҳи худро чуноне ки Ӯ ба онҳо пешкаш карда шуд, қабул намоянд: «ҳалим аст, ва бар харе, бар курраи бачаи модахар савор аст»; ва онҳо Ӯро мехкӯб карданд. Закарё 9:9 ва Матто 21:1-5 ва сипас Юҳанно 19:15-16-ро муқоиса намоед.

Аммо аз ин набояд хулоса барорем, ки табиати бади инсон ба иҷрои нақшаи Худо монеъ шуд, зеро нақшаи Ӯ омадани дуюми Масеҳро дар бар мегирад, ки он вақт пешгӯиҳо оиди ҷалоли заминии Масеҳ аниқ иҷро мешаванд, чуноне ки пешгӯиҳо оиди азобҳои заминии Ӯ иҷро шуданд. Ҳушаъ 3:4-5; Луқо 1:31-33 (ояти 31 аллакай айнан иҷро шуд); Аъмол 1:6-7; 15:14-17 ва Матто 24:27-30.

Яҳудиён натавонистанд ба ҳамаи он чи пайғамбарон оиди АЗОБҲОИ Масеҳ гуфта буданд, бовар кунанд, мо бошем танҳо ба зӯр ба ҳамаи он чи оиди ҶАЛОЛИ Ӯ гуфта шудааст бовар мекунем. Мо, албатта, сазовори сарзаниши бештар ҳастем, чунки ба он бовар кардан осонтар аст, ки Писари Худо «дар абрҳо бо қудрату ҷалоли бузург» зоҳир хоҳад шуд, назар ба ин ки Ӯ чун Кӯдаке аз Байт-Лаҳм ва Дуредгаре аз Носира меояд. Зиёда аз ин, мо ба дуюмӣ бовар мекунем, чунки он аллакай иҷро шудааст, барои ҳамин беҳтар мебуд, ки мо яҳудиёнро барои нобовариашон сарзаниш накунем. Агар ба худ савол диҳем, ки чӣ гуна онҳо тавонистанд нисбати чунин пешгӯиҳои аниқ нобино монанд, ҷавоб ин аст: онҳо чун бисёр масеҳиён нисбати чунин маънои ошкори пешгӯиҳои бешумор оиди *ҷалоли замини*и Ӯ нобино ҳастанд, зеро ба Навиштаҳои Пок «рӯҳоният мебахшанд». Дигар хел карда гӯем, чуноне ки пештар китобдонон ба одамон мегуфтанд, ки ба пешгӯиҳо оиди азобҳои Масеҳ

набояд айнан бовар кард, ҳамон тавр китобдонони ҳозира оиди ҷалоли заминии Масеҳ мегӯянд, ки ба он набояд айнан бовар кард.

Аммо омадани дуюм – ваъда на танҳо ба яҳудиён, балки ба Ҷамоат низ аст. Пеш аз фидо кардани Худ дар салиб Худованд ба шогирдони ҳайратзада ва андӯҳгин аз ҷумла чунин гуфт:

«Дили шумо музтариб нашавад; ба Худо имон оваред, ба Ман низ имон оваред. Дар хонаи Падари Ман иқоматгоҳ бисёр аст; ва агар чунин намебуд, магар ба шумо мегуфтам: "Меравам, то ки барои шумо ҷой тайёр кунам". Ва ҳангоме ки биравам ва барои шумо ҷой тайёр кунам, боз омада, шуморо бо худ мебарам, то дар он ҷое ки Ман ҳастам, шумо низ бошед» (Юҳанно 14:1-3).

Дар ин ҷо Худованд оиди омадани нави Худ бо ҳамон калимаҳое мегӯяд, ки Ӯ оиди рафтани Худ гуфта буд. Рафтани Ӯ бошад шахсан ва ҷисман ба осмон боло шудани Ӯст. Аммо агар мо гӯем, ки бозомадани Ӯ танҳо «рӯҳонӣ» аст, бояд иқрор шавем, ки танҳо ояте дар Китоби Муқаддас, ки боварибахш ва бе ҳеҷ гуногунфаҳмӣ бошад, моро ба чунин маънидод водор карда метавонад. Аммо чунин оят дар Китоби Муқаддас нест.

Аммо мо бояд на шубҳа кунем, на хулосаҳои худро барорем, новобаста ба он ки онҳо то чӣ андоза асоснок ҳастанд.

Ҳамон замоне ки Худованди мо аз назари шогирдони Худ ғайб зад, «ду марди сафедпӯш назди онҳо пайдо шуданд ва гуфтанд: «Эй мардони Ҷалил! Чаро ин ҷо истода, сӯи осмон нигаронед? ҲАМИН ИСО, ки аз пеши шумо ба осмон боло бурда шуд, чӣ тавре ки Ӯро сӯи осмон равона дидед, БОЗ ҲАМОН ТАВР хоҳад баргашт» (Аъмол 1:10-11).

Ҳамон чиз дар 1Таслӯникиён 4:16-17 низ гуфта шудааст.

«Чунки Худи Худованд бо бонги даъват, бо садои фариштаи муқарраб ва карнайи Худо, аз осмон нузул хоҳад кард, ва онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, аввал эҳё хоҳанд шуд; баъд мо, зиндаҳо, ки боқӣ мондаем, бо якҷоягии онҳо бар абрҳо бурда хоҳем шуд, то ки

Худовандро дар ҳаво пешвоз гирем, ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд хоҳем буд».

«Ва мунтазири умеди муборак ва зуҳури ҷалоли Худои азим ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ бошем» (Титус 2:13).

«Лекин иқоматгоҳи мо акнун дар осмон аст, ки аз он ҷо Исои Масеҳи Худовандро, ҳамчун Наҷотдиҳанда, интизор дорем, ки Ӯ ҷисми залили моро ба шабоҳати ҷисми ҷалили Ӯ бо амали ҳамон қуввате дигаргун хоҳад кард, ки бо он Ӯ ҳама чизро ба Худ тобеъ намуда метавонад» (Филиппиён 3:20-21).

«Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз маълум нашудааст он чи хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ хоҳем буд, зеро Ӯро, чунон ки ҳаст, хоҳем дид» (1Юҳанно 3:2).

«Инак ба зудӣ меоям, ва мукофоти Ман бо Ман аст, то ки ҳар касро мувофиқи аъмолаш сазо диҳам» (Ваҳй 22:12).

«Пас, барҳазар ва бедор бошед ва дуо гӯед; зеро намедонед, ки он вақт кай фаро мерасад» (Марқус 13:33,35,37; Матто 24:42; 25:13); «интизор бошед» (1Таслӯникиён 1:10) ва «тайёр бошед» (Матто 24:44). Ва дуои охирин дар Навиштаҳои Пок дуои омадани зуди Масеҳ мебошад (Ваҳй 22:20).

Ҳамаи ин оятҳо шаҳодат бар он ҳастанд, ки омадани дуюми Масеҳ шахсӣ ва ҷисмонӣ мебошад; он на маънои марги имондоронро дорад, на харобшавии Уршалимро, на омадани Рӯҳи Покро дар рӯзи Пантикост, на оҳиста-оҳиста паҳншавии масеҳиятро; он «умеди муборак»-и Ҷамоат аст, вақте ки муқаддасони мурда бармехезанд ва бо муқаддасони зинда, ки тағйир хоҳанд ёфт (1Қӯринтиён 15:51-52), «барои вохӯрдан бо Худованд ба осмон бурда мешаванд»; он гоҳ мо, фарзандони Худо, мисли Ӯ хоҳем шуд, ва имондорони бовафо барои корҳои бовар, ки баъди ба номи Ӯ наҷот ёфтанашон кардаанд, мукофотонида хоҳанд шуд.

Фарқиятҳои байни ду омадани Худованди мо дар оятҳои зерин дида мешаванд.

| Омадани аввал | Омадани дуюм |
|---|---|
| «Ва Писари нахустини худро зоид, ва Ӯро парпеч кард, ва Ӯро дар охуре хобонид, чунки дар мусо-фирхона ҷое барои онҳо набуд» (Луқо 2:7). | «Он гоҳ аломати Писари Одам дар осмон намудор хоҳад гардид; ва он гоҳ ҳамаи қабилаҳои рӯи замин навҳа кунанд ва Писари одамро бинанд, ки бо қудрат ва ҷалоли азим бар абрҳо меояд» (Матто 24:30). |
| «Аммо Ӯ алҳол, дар охири замонҳо, як бор зоҳир шуд, то ки бо қурбонии Худ гунохро нест кунад» (Ибриён 9:26). | «Ончунон Масеҳ низ як бор Худро барои бардош-тани гуноҳҳои бисёр касон қурбонӣ намуда, бори дуюм на аз барои татҳири гуноҳ зоҳир хоҳад шуд, балки барои онҳое ки Ӯро интизор доранд, то наҷот ёбанд» (Ибриён 9:28). |
| «Зеро ки Писари Одам омадааст, то ки гумшударо пайдо кунад ва наҷот диҳад» (Луқо 19:10). «Зеро Худо Писари Худро ба ҷаҳон барои он нафиристодааст, ки бар ҷаҳон доварӣ кунад, балки барои он ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёбад» (Юҳанно 3:17). | «Ва шуморо, ки уқубат мекашед, бо якҷоягии мо фароғат бахшад, ҳангоме ки Исои Худованд аз осмон бо фариштаҳои қуввати Худ дар оташи фурӯзон зуҳур намуда, аз онҳое ки Худоро намешиносанд ва ба башо-рати Худованди мо Исои Масеҳ итоат намекунанд, интиқом гирад» (2Таслӯникиён 1:7-8). |
| «Ва агар касе суханони Маро шунида, риоят накунад, Ман бар вай доварӣ нахоҳам кард: зеро наомадаам, ки бар вай доварӣ кунам, балки ҷаҳонро наҷот бахшам» (Юҳанно 12:47). | «Зеро ки Ӯ рӯзеро муқар-рар намудааст, ки аҳли ҷа-ҳонро ба василаи Марде ки баргузидаи Ӯст, аз рӯи инсоф доварӣ кунад, ва барои он ки инро ба ҳама исбот намояд, Ӯро аз мурдагон эҳё кард» (Аъмол 17:31) |

Ин фарқиятҳоро метавон бо иқтибосҳои зиёде тақрибан беохир тасвир намуд. Мо ба ҳар ҳол бисёр оятҳоро мисол овардем, то нишон диҳем, ки ваъдаҳои ба Исроил ва ба Ҷамоат додашуда омадани Худованди моро *тасдиқ менамоянд*.

Албатта, оятҳоеро ки оиди омадани намоён ва ҷисмонии Ӯ дар охири ин марҳила шаҳодат медиҳанд, бояд аз оятҳое фарқ кунонем, ки ба сифатҳои илоҳии ҳамадонӣ ва бемаконии Ӯ далолат мекунанд ва бо шарофати онҳо Ӯ ҳама чизро медонад ва дар ҳама ҷо ҳузур дорад. Оиди ин сифатҳои Ӯ дар оятҳои зерин гуфта шудааст: Матто 18:20 ва 28:20.

Ба ин маъно ҳақиқати пурбаракат он аст, ки Ӯ бо мо ҳамеша ва то охири замон мебошад.

Аммо «ИСОИ МАСЕҲИ ОДАМ» ҳоло ҷисман дар тарафи дасти рости Худо нишастааст, ки оиди ин дар китоби Аъмол 1:9-11 аниқ навишта шудааст: «Ҳамин ки инро гуфт, боло бурда шуд, ва онҳо менигаристанд, ва абре Ӯро аз пеши назари онҳо гирифта бурд. Чун Ӯ боло мебаромад, ва онҳо ба осмон менигаристанд, ногоҳ ду марди сафедпӯш назди онҳо пайдо шуданд ва гуфтанд: «Эй мардони Ҷалил! Чаро ин ҷо истода, сӯи осмон нигаронед? Ҳамин Исо, ки пеши шумо ба осмон боло бурда шуд, чӣ тавре ки Ӯро сӯи осмон равона дидед, боз ҳамон тавр хоҳад баргашт».

Дар он ҷо Ӯро Истефанус низ дид: «Аммо ӯ, ки пур аз Рӯҳулқудс буд, сӯи осмон нигариста, ҷалоли Худо ва Исоро, ки ба ямини Худо истода буд, дид ва гуфт: инак, осмонро кушода ва Писари Одамро ба ямини Худо истода мебинам» (Аъмол 7:55-56).

«...чун татҳири гуноҳҳои моро ба амал овард, ба ямини Кибриё дар афроз нишаст» (Ибриён 1:3).

«Пас, модоме ки шумо бо Масеҳ эҳё шудаед, он чиро, ки дар афроз аст, биҷӯед, ки он ҷо Масеҳ ба ямини Худо нишастааст» (Қӯлассиён 3:1).

Барои тасвир намудан: ҳангоми ҷанги дуюми ҷаҳонӣ генерал Эйзенҳауэр бо ёрии радио дар ҳамаи фронтҳо ҳузур дошт, агарчи ҷисман дар штаби қувваҳои мусаллаҳи муттаҳидаи иттифоқчиён буд. Сипас ӯ ба қувваҳои мусаллаҳи амалкунанда, ки дар

наздикии Берлин буданд, омад ва ҷисман дар он ҷо ҳузур дошт. Ҳамин тавр Худованди мо низ, ба шарофати сифатҳои илоҳии Худ, бо Ҷамоати Худ аст, аммо ҷисман ҳангоми омадани дуюми Худ ба замин зоҳир мешавад.

*Пешгӯиҳо оиди омадани Худованд на ҳангоми омадани Рӯҳи Пок дар рӯзи Пантикост иҷро шудаанд, на ҳангоме ки Ӯ дар мавридҳои зиндашавии мӯъҷизанок зоҳир мешуд ва на ҳангоми маҷлисҳои дуо, чунки*:

1. Чунин маънидод таълимотро оиди Ваҳдати Сегона инкор мекунад ва Рӯҳи Покро танҳо чун зуҳуроти Масеҳ қаламдод мекунад.
2. Масеҳ омадани Рӯҳи Покро ваъда дода, оиди Ӯ чун оиди Пуштибони ДИГАРЕ сухан меронад (Юҳанно 14:16); дар Юҳанно 16:7 Масеҳ мегӯяд: «Агар Ман наравам, Пуштибон назди шумо нахоҳад омад; ва агар биравам, Ӯро назди шумо мефиристам».
3. Нависандаҳои аз Худо илҳомгирифтаи Аъмол, Номаҳо ва Ваҳй бозгашти Худовандро зиёда аз 150 бор *пас* аз рӯзи Пантикост ёдрас мекунанд, ва оиди он ҳамчун чизе ки *дар оянда рӯй медиҳад*, гап мезананд.
4. Ҳеҷ яке аз рӯйдодҳое ки мувофиқи пешгӯиҳо бояд ҳангоми омадани Масеҳ ба амал оянд, дар давраи Пантикост рӯй надодаанд. Рӯйдодҳо инҳоянд:

*а) ҳангоми ба осмон бурда шудан*

Зиндашавии муқаддасони мурда (1Қӯринтиён 15:22-23; 1Таслӯникиён 4:13-16); «тағйир ёфтан»-и имондорони зинда, ки ҳангоми он онҳо «либоси бефаной мепӯшанд», ва «баданҳои мирандаи» онҳо «мисли бадани пуршарафи Ӯ» хоҳанд буд, ва онҳо «бар абрҳо бурда хоҳанд шуд, то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гиранд» (1Қӯринтиён 15:51-53; 1Таслӯникиён 4:17; Филиппиён 3:20-21).

*б) ҳангоми дар ҷалол омадан*

Андӯҳи ҳамаи халқҳои ҷаҳон ҳангоми дар тавоноӣ ва ҷалоли бузург, ба таври намоён омадани Писари Одам (Матто 24:29-30; Ваҳй 1:7).

Ин рӯйдодҳое ҳастанд, ки бояд омадани Худованди моро ҳамроҳӣ кунанд. Ҳеҷ кадоми онҳо дар вақти Пантикост ё дигар зоҳиршавиҳои Рӯҳи Пок воқеъ нашудааст.

*Ба Масеҳ бовар кардани гуноҳкор омадани Худованд нест.* Ин назария хеле рӯякӣ аст, то ки онро ҷиддӣ ба сифати таъбири пешгӯиҳои бисёр ва муфассал дида бароем. Танҳо бояд зикр намуд, ки:

1. Мувофиқи Навиштаҳои Пок, вазъият пурра баръакси ин аст. Ҳангоми бовар кардан худи гуноҳкор назди Масеҳ меояд, на ин ки Масеҳ назди гуноҳкор (Матто 11:28; Юҳанно 5:40; 7:37; 6:37).
2. Ҳеҷ кадоме аз воқеаҳои номбаршуда, ки мувофиқи пешгӯӣ бояд ҳангоми бозгашти Худованд ба вуқӯъ оянд, ҳангоми бовар кардани гуноҳкор ба амал намеояд.

*Марги масеҳӣ омадани Масеҳ нест, чунки:*

1. Вақте шогирдон шуниданд, ки Худованд гуфт, ки яке аз онҳо «то вақти омаданам бимонад», дар байни онҳо «чунин сухан паҳн шуд, ки он шогирд нахоҳад мурд» (Юҳанно 21:22-24).
2. Муаллифони аз Худо илҳомгирифта ҳамеша оиди марги масеҳӣ ҳамчун *рафтан* сухан меронанд. Ва омадани Худованд ҳеҷ гоҳ бо марги имондор алоқамандӣ надорад. (Ниг. Филиппиён 1:23; 2Тимотиюс 4:6; 2Қӯринтиён 5:8). Истефануси мурдаистода осмонҳоро кушода ва Писари Одамро на омадаистода, балки «дар ямини Худо истода» дид (Аъмол 7:55-56).
3. Ҳеҷ кадоме аз рӯйдодҳое ки мувофиқи пешгӯиҳо бояд ҳангоми омадани Худованд воқеъ шаванд, ҳангоми марги масеҳӣ ба амал намеоянд.

*Аз тарафи румиён вайрон карда шудани Уршалим омадани дуюми Масеҳ набуд, чунки*:

1. Дар Матто 24 ва Луқо 21 се рӯйдод пешгӯӣ карда шудааст: вайроншавии маъбад, омадани Масеҳ ва охирзамон. (Ниг. Матто 24:3). Маҳз печдарпечӣ бо ин се рӯйдоди мӯайян боиси пайдо шудани тасаввуроте шуд, ки агар як воқеа ба амал омада бошад, яъне ҳар сеи онҳо ба амал омадаанд.
2. Фириста Юҳанно Ваҳйро баъди вайроншавии Уршалим навишт, аммо мисли пештара оиди омадани Худованд чун оиди воқеаи оянда сухан меронад (Ваҳй 1:4,7; 2:25; 3:11; 22:7, 12, 20). Ваъдаи охирини Навиштаҳои Пок ин аст: «Инак ба зудӣ меоям!»; дуои охирин – «Оре, биё, эй Исои Худованд!».
3. Ҳеҷ кадоме аз рӯйдодҳое ки мувофиқи пешгӯӣ бояд ҳангоми бозгашти Худованд ба вуқӯъ оянд, ҳангоми вайрон карда шудани Уршалим ба амал наомадааст. (Ниг. 1Таслӯникиён 4:14-17; Матто 24:29-31; 25:31-32 ва ғайра).

*Паҳншавии масеҳият омадани Масеҳро дар назар надорад, чунки:*

1. Паҳншавии масеҳият оҳиста-оҳиста ба амал меояд, дар ҳоле ки мувофиқи Навиштаҳо, бозгашти Худованд тез ва ногаҳон аст (Матто 24:27, 36-42, 44, 50; 2Петрус 3:10; Ваҳй 3:3).
2. Паҳншавии масеҳият *раванд* аст. Оиди бозгашти Худованд бошад дар ҳама ҷои Навиштаҳо ҳамчун *рӯйдод* гуфта мешавад.
3. Паҳншавии масеҳият барои гуноҳкорон наҷот меоварад, дар ҳоле ки омадани Масеҳ ба онҳо "ҳалокат" меоварад, на ин ки наҷот (1Таслӯникиён 5:2-3; 2Таслӯникиён 1:7-10; Матто 25:31-46).

*Агарчи ин таъбирҳо ва назарияҳои шубҳанок дар доираҳои муайян машҳуранд, ҳеҷ илоҳиётшиноси боэътибори мактабҳо ва равияҳои маъруф ва ҳеҷ як тафсиркунандаи боэътибори Тавроту Инҷил онҳоро*

*эътироф намекунад. Ҳамаи ин донишмандони обрӯманд омадани дуюми ҷисмонӣ ва аёни Масеҳро дастгирӣ менамоянд.*

Аммо баъзан мегӯянд, ки то даме ки тамоми ҷаҳон ба воситаи мавъизаи Хушхабар бовар накунад ва зери ҳукмронии рӯҳонии Масеҳ 1000 сол зиндагӣ накунад, ин омадан рӯй дода наметавонад. Ин нуқтаи назар тамоман нодуруст аст, чунки:

1. Навиштаҳо мегӯяд, ки пеш аз бозгашти дуюми Масеҳ замин дар ҳолати хушбахтии ҳазорсола нахоҳад буд, балки пурра дар гуноҳ хоҳад ғӯтид (Луқо 17:26-32; бо Ҳастӣ 6:5-7; 13:13; Луқо 18:8; 21:25-27 муқоиса кунед).

2. Китоби Муқаддас оиди ҳамаи рӯйдодҳои ин марҳила аз аввал то охир бо чунин ифодаҳое сухан меронад, ки имконияти ба Масеҳ бовар кардани тамоми ҷаҳонро истисно мекунад (Матто 13:36-43, 47-50; 25:1-10; 1Тимотиюс 4:1; 2Тимотиюс 3:1-9; 4:3-4; 2Петрус 3:3-4; Яҳудо 17-19).

3. Изҳор карда мешавад, ки мақсади Худо дар ин марҳила ҷаҳонро имондор кардан нест, балки «ба ғайрияҳудиён назар андохтан, то ки аз миёни онҳо қавме ба исми Худ бигирад». Баъд Ӯ «бармегардад» ва танҳо *баъд* аз ин ҷаҳон имондор мешавад. Ниг. Аъмол 15:14-17; Матто 24:14 («шаҳодате шавад»); Румиён 11:14 («баъзеи онҳоро», на «ҳамаи» онҳоро); 1Қӯринтиён 9:22; Ваҳй 5:9 («аз ҳар», на ин ки «ҳама»).

4. Дар интизории воқеае ки пас аз 1000 сол ба вуқӯъ меояд, «бедор будан» имконнопазир аст.

*Ин дарсро омӯхта, кори тафтишии рақами 3-ро иҷро намоед. Ҷавобҳоятонро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири ин китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед. Сипас Кори имтиҳонии 3-ро дар дафтари саволҳо иҷро кунед.*

## Кори тафтишии 3

**Оё шумо маводи дарси гузаштаро хуб аз худ кардед?**

*Дар тарафи рост гирди ҳарфи Д (дуруст) ё Н (нодуруст) доира кашед.*

1. Пешгӯиҳои Паймони Куҳан ихтилофоти зиёд доранд. Д Н
2. Пешгӯиҳои Паймони Куҳан оиди омадани Масеҳ айнан иҷро шудаанд. Д Н
3. Яҳудиён дарҳол ба он чи оиди азобҳои Масеҳ гуфта шуда буд, бовар карданд. Д Н
4. Омадани дуюми Масеҳ шахсӣ ва ҷисмонӣ хоҳад буд. Д Н
5. Ваъдаҳо ба Исроил ва Ҷамоат ба замин омадани Масеҳро ҳатмӣ мегардонанд. Д Н
6. Ҳоло Худованд Исои Масеҳ ҷисман аз дасти рости Худо нишастааст. Д Н
7. Омадани дуюми Масеҳ дар ду марҳила ба амал меояд. Д Н
8. Пешгӯиҳо оиди омадани Худованд барои имондори масеҳӣ ҳангоми маргаш ба амал меоянд. Д Н
9. Мувофиқи Матто 24, Уршалимро вайрон кардани румиён ба амал омадани пешгӯиҳо оиди омадани Масеҳ аст. Д Н
10. Пеш аз он ки Масеҳ бори дуюм биёяд, тамоми ҷаҳон бояд ба масеҳият рӯ оварад. Д Н

*Ҷавобҳои дурустро шумо дар охири китоб хоҳед ёфт. Ин кори тафтишиатонро барои тафтиш ба Мактаби Ғоибона нафиристед.*

## ДАРСИ ЧОРУМ

# Растохез ва доварӣ

## Ду растохез

Каломи Ҳақиқат таълим медиҳад, ки ҳамаи мурдагон бармехезанд. Ҳеҷ як таълимоти дигари имон дар Навиштаҳо асоси бештари аниқ ва муайян надорад, ва ҳеҷ ягон доктринаи дигар барои масеҳӣ аҳамияти бештаре надорад.

«Агар эҳёи мурдагон набошад, Масеҳ низ эҳё нашудааст; ва агар Масеҳ эҳё нашуда бошад, мавъизаи мо низ бар абас аст, имони шумо низ бар абас аст»
(1Қӯринтиён 13-14).

Аммо қайд кардан муҳим аст, ки Китоби Муқаддас таълим намедиҳад, ки ҳамаи мурдаҳо дар як вақт зинда мешаванд. Баъзе имондорон аллакай зинда шудаанд:

«Ва қабрҳо кушода шуд; ва бисёр ҷасадҳои муқаддасон рафтанд ва ба бисёр касон зоҳир шуданд» (Матто 27:52-53).

Ду растохез, ки дар давраҳои гуногун ба амал меоянд ва ҳангоми онҳо ҳар гуна одамон бармехезанд, дар оянда ба вуқӯъ меоянд. Ин растохезҳоро «растохези ҳаёт» ва «растохези маҳкумкунӣ» меноманд; «растохези росткорон ва гуноҳкорон» ва ғайра. Оятҳоеро мисол меорем, ки оиди ин рӯйдоди муҳим сухан меронанд:

«Ва аз ин тааҷҷуб накунед: зеро соате мерасад, ки ҳамаи онҳое ки дар қабр мебошанд, овози Ӯро хоҳанд шунид, ва берун хоҳанд омад – некӯкорон барои *қиёмати ҳаёт* ва бадкорон барои *қиёмати доварӣ*» (Юҳанно 5:28-29).

Калимаи «соате» растохези яквақтаи ин ду гурӯҳи одамонро ифода карда наметавонад, зеро «соате», ки оиди он дар Юҳанно 5:25 гуфта шудааст аллакай 1800 сол давом дорад. (Инчунин «рӯз»-ро дар 2Петрус 3:8; 2Қӯринтиён 6:2; Юҳанно 8:56 нигаред.)

«Балки, чун зиёфат медиҳӣ, мискинон, маъюбон, шалон ва кӯронро даъват намо, ва ту хушбахт хоҳӣ буд, ки онҳо имконият надоранд мукофоте ба ту бидиҳанд; зеро ки дар рӯзи *эҳёи одилон* мукофоте ба ту ато хоҳад шуд» (Луқо 14:13-14).

Дар ин оятҳо Худованди мо танҳо оиди растохези якум мегӯяд. Ин дар 1Қӯринтиён равшантар мегардад:

«Чунон ки дар Одам ҳама мемиранд,ончунон дар Масеҳ ҳама зинда мешаванд. *Ҳар яке бо навбати худ*: *аввал Масеҳ, баъд онҳое ки аз они Масеҳанд* дар вақти омадани Ӯ» (1Қӯринтиён 15:22-23).

«Лекин мо, эй бародарон, намехоҳем, ки шумо оиди мурдагон бехабар бошед, ки мабодо мисли дигарон, ки умед надоранд, андӯҳгин шавед. Зеро, агар мо имон дорем, ки Исо мурд ва эҳё шуд, ба ҳамин тарз низ Худо онҳоеро, ки дар Исо мурдаанд, бо Ӯ хоҳад овард. Зеро инро ба шумо бо каломи Худованд мегӯем, ки мо, зиндаҳо, ки то омадани Худованд боқӣ мондаем, аз мурдагон пешдастӣ нахоҳем кард, чунки Худи Худованд бо бонги даъват, бо садои фариштаи муқарраб* ва карнайи Худо, аз осмон нузул* хоҳад кард, ва онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, аввал эҳё хоҳанд шуд» (1Таслӯникиён 4:13-16).

Фириста Павлус дар Филиппиён 3:11 маҳз оиди ҳамин «эҳёи ҳаёт», «росткорон», «дар Масеҳ мурдагон» сухан меронад: «Ба умеди он ки ба эҳёи мурдагон бирасам». Дар тарҷумаи аниқ бояд «эҳё аз мурдагон» бошад. Чунки растохези мурдагон маънои дар як вақт зинда шудани ҳамаи мурдагонро дорад, дар ҳоле ки «аз мурдагон» маънои онро дорад, ки баъзе аз «мурдагон» зинда намешаванд.

Агар фириста Павлус бархостани ҳамаи мурдагонро дар назар медошт, чаро ӯ «бирасам» мегӯяд, дар ҳоле ки он аз ду сар ногузир мебуд?

Дар Ваҳй 20:4-6 боз оиди ин ду растохез сухан меравад, аммо дар ин ҷо ҳамчунин оиди вақте гуфта

---

* муқарраб – дар ин ҷо ба маънои сардор

* нузул – фуруд омадан

шудааст, ки байни растохези начотёфтагон ва начотнаёфтагон мегузарад:

«Ва тахтҳо ва бар онҳо нишастагонро дидам, ки ихтиёри доварӣ кардан ба онҳо дода шуда буд, ва ҷонҳои касонеро дидам, ки барои шаҳодати Исо ва барои каломи Худо сар бурида шуда буданд, ва онҳо ба ҳайвони ваҳшӣ ва ба пайкари он саҷда накарда буданд ва тамғаи онро бар пешонӣ ва дасти худ назада буданд. ОНҲО ЗИНДА ШУДАНД ва бо Масеҳ ҳазор сол салтанат ронданд. ВАЛЕ БОҚИИ МУРДАГОН зинда нашуданд, то даме ки ҳазор сол анҷом ёбад. Ин ЭҲЁИ ЯКУМ аст. Хушбахт ва қуддус аст касе ки дар эҳёи якум иштирок дорад: бар онҳо мамоти дуюм қудрат надорад, балки онҳо коҳинони Худо ва Масеҳ хоҳанд шуд ва бо Ӯ ҳазор сол салтанат хоҳанд ронд».

Дар Ваҳй 20:12-13 оиди растохези дуюм сухан меравад – «растохези доварӣ».

Ҳамин тариқ, Навишта гувоҳӣ медиҳад, ки ҷисмҳои имондорони вафоткарда зинда мешаванд ва аз ҷисмҳои беимонон ҷудо карда мешаванд, ба осмонҳо бурда мешаванд, ки дар он ҷо ҳазор сол пеш аз зинда шудани беимонон бо Худованд дар ҳаво вомехӯранд. Бояд равшан тасаввур намуд, ки таълимот оиди растохез на танҳо ба *бадан*и мурдагон дахл дорад. Ҷонҳои беҷасади онҳо дар як мижа задан дар ҳолати ҳаловат ё андӯҳи даркшаванда қорор хоҳанд гирифт.

## Панҷ доварӣ

Ифодаи «доварии умумӣ», ки дар адабиёти динӣ зуд-зуд истифода мешавад, дар Навишта ҳеҷ зикр намеёбад, ва мафҳуме ки ин ифода бояд ифода кунад, дар Навишта ёфт намешавад.

Илоҳиётшиносе гуфта буд: «Аз боиси одати зарарнок дунёи масеҳӣ довариро воқеаи бузурге меҳисобидагӣ шуд, ки дар охири замонҳо ба амал меояд, ва он вақт ҳамаи одамон: муқаддасон, гуноҳкорон, ва ғайрияҳудиён, мурдаҳо ва зиндаҳо назди «Тахти Бузурги Сафед» ҳозир шуда, доварӣ карда мешаванд.

Навишта оиди панҷ доварӣ сухан меронад, ки фарқи байни онҳо ба чор ҳолати асосгузор дахл дорад.

1. *Кӣ* доварӣ карда хоҳад шуд.
2. *Макон*и доварӣ.
3. *Вақт*и доварӣ.
4. *Натиҷа*и доварӣ.

**1. Гуноҳкори имондор**

Гуноҳҳои онҳо аллакай маҳкум карда шудаанд. Вақт: соли 30 баъд аз милод. Макон: салиб. Натиҷа: марги Масеҳ; сафедшавии гуноҳкори имондор.

«Ва Ӯ салиби худро бардошта, ба он ҷое ки "Ҷои косахонаи сар" ва ба ибронӣ Ҷолҷолто ном дошт, равона шуд» (Юҳанно 16:17-18).

«Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт» (1Петрус 2:24).

«Чунки Масеҳ низ, барои он ки моро сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳои мо уқубат кашид, яъне одил барои золимон» (1Петрус 3:18).

«Масеҳ моро аз лаънати шариат фидия дода гирифта, барои мо лаънат гардид, – зеро ки навишта шудааст: "Малъун* аст ҳар касе ки ба дор овехта шудааст"» (Ғалотиён 3:13).

«Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем»
(2Қӯринтиён 5:21).

«Вагарна Ӯ мебоист аз ибтидои олам борҳо уқубат мекашид. Аммо Ӯ алҳол, дар охири замонҳо, як бор зоҳир шуд, то ки бо қурбонии Худ гуноҳро нест кунад»
(Ибриён 9:26).

«Чун татҳири* гуноҳҳои моро ба амал овард...» (Ибриён 1:3).

«Пас, ҳеҷ маҳкумияте нест барои онҳое ки дар Исои Масеҳ ҳастанд ва на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби Рӯҳ зиндагӣ мекунанд» (Румиён 8:1).

---

* малъун – лаънатӣ

* татҳир – пок кардан

«Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ каломи Маро бишнавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст» (5:24).

Калимаи юнонӣ, ки ба забони тоҷикӣ «доварӣ» тарҷума шудааст, дар Матто 10:15; Ибриён 9:27; 2Петрус 2:4 истифода мешавад. Дар 2Қӯринтиён 5:10 тамоман калимаи дигар истифода мешавад, ки он ҷо оиди доварӣ бар *корҳо*и мо ҳамчун корҳои имондорон гуфта шудааст.

## 2. Доварии гуноҳи имондор

Замон: ҳар вақт. Макон: ҳар ҷой. Натиҷа: ҷазо аз ҷониби Худованд, агар мо худро маҳкум накунем.

«Зеро, агар худамон худро доварӣ мекардем, ба доварӣ дучор намешудем. Модоме ки ба доварӣ дучор шудаем, аз ҷониби Худованд ҷазо мебинем, то ки бо аҳли ҷаҳон маҳкум нагардем» (1Қӯринтиён 11:31-32).

«Агар ба ҷазо тоб оваред, Худо бо шумо, чун бо писарон, рафтор мекунад. Зеро, оё писаре ҳаст, ки падараш ӯро ҷазо надиҳад» (Ибриён 12:7).

(Инчунин 1Петрус 4:17; 1Қӯринтиён 5:5; 2Подшоҳон 7:14-15; 2Подшоҳон 12:13-14; 1Тимотиюс 1:20-ро хонед).

## 3. Рафтор ё аъмоли имондор бояд доварӣ карда шаванд

Замон: омадани Масеҳ . Макон: «дар ҳаво». Натиҷа барои имондор: «мукофот» ё «барбод додан», «аммо худи ӯ наҷот хоҳад ёфт».

Дар хотир нигоҳ доштан муҳим аст, ки агарчи Масеҳ гуноҳҳои моро ба салиб кашидааст, ва Худо бо мо аҳд бастааст, ки онҳоро дигар ба хотир намеоварад (Ибриён 10:17), ҳар як кори мо бояд доварӣ (яъне муҳокима) карда шавад. Худованд бояд тамоми ҳаёт ва корҳои имондорро дида барояд.

«Ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем, ки хоҳ дар ин макон бошем ва хоҳ набошем, ба Ӯ мақбул афтем; зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад»

(2Қӯринтиён 5:9-10).

«Пас чаро ту бародаратро маҳкум мекунӣ? Ё ту низ чаро бародаратро хор мешуморӣ? Охир, ҳамаи мо пеши курсии доварии Худо ҳозир хоҳем шуд» (Румиён 14:10).

Бояд гуфт, ки ин порчаҳо барои *имондорон* муқаррар шудаанд. Дар якумаш фириста оиди мо ҳамчун онҳое сухан меронад, ки дар яке аз ду ҳолат мебошанд: ҳанӯз дар ҷисм, яъне бо Худо не; ё берун аз ҷисм, яъне аллакай бо Худо – ин суханҳо нисбати нобоварон гуфта намешаванд. «Ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем» ба Ӯ мақбул афтем, «зеро ҳамаи мо ҳозир хоҳем шуд» (2Қӯринтиён 5:9-10).

Дар порчаи дуюм калимаҳои «мо» ва «бародар» ҳамчунин оиди он мегӯянд, ки ин оят барои имондорон муқаррар шудааст. Рӯҳи Пок ҳеҷ гоҳ наҷотёфтагон ва наҷотнаёфтагонро омехта намекунад. Ва сипас – то аҷиб натобад, ки шахси бо Хун сафедшуда бояд ба ягон доварӣ гирифтор шавад – ӯ аз Ишаъё иқтибосе меорад, то исбот кунад, ки «ҳар зонуе хам хоҳад шуд» ва илова менамояд: «Пас, ҳар яке аз мо оиди худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод» (Румиён 14:12).

Оятҳои зерин барои доварӣ бар корҳо *асос* медиҳанд.

«Зеро ҳеҷ кас таҳкурсии дигаре ниҳода наметавонад, ҷуз он ки ниҳода шудааст, ки он Исои Масеҳ аст. Ва агар касе бар ин таҳкурсӣ иморате аз тилло, нуқра, ҷавоҳирот, ё чӯб, хасбеда, пахол бино кунад, амали ҳар кас зоҳир хоҳад шуд; зеро ки он рӯз нишон хоҳад дод, чунки дар оташ ошкор хоҳад шуд, ва оташ амали ҳар касро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст. Агар амали касе ки бар он сохтааст, пойдор бимонад, вай музд хоҳад гирифт; ва агар амали касе бисӯзад, вай зиён хоҳад дид; валекин худаш наҷот хоҳад ёфт, аммо тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад» (1Қӯринтиён 3:11-15).

Дар оятҳои зерин оиди *вақти* доварӣ гуфта шудааст.

«Зеро ки Писари Одам дар ҷалоли Падари Худ бо фариштагони Худ хоҳад омад, ва он вақт ба ҳар кас мувофиқи аъмолаш подош хоҳад дод» (Матто 16:27).

«Ва ту хушбахт хоҳӣ буд, ки онҳо имконият надоранд мукофоте ба ту бидиҳанд; зеро ки дар рӯзи эҳёи одилон мукофоте ба ту ато хоҳад шуд» (Луқо 14:14). Ҳамчунин 1Қӯринтиён 15:22-23-ро нигаред.

«Бинобар ин ба ҳеҷ ваҷҳ пеш аз вақт, яъне то даме ки Худованд биёяд, ҳукм накунед, ки маҳз Ӯ чизҳои дар торикӣ пинҳонро равшан ва ниятҳои дилҳоро ошкор хоҳад кард, ва он гоҳ ҳар кас аз ҷониби Худо таҳсин хоҳад ёфт» (1Қӯринтиён 4:5).

Аммо чӣ хуш аст донистани он ки ба ин тафтиши ногузир ва дақиқи корҳои мо нигоҳ накарда, Ӯ дар муҳаббати пурсабри Худ моро роҳнамоӣ мекунад ва дар мо амал мекунад, то дар мо чизе ёбад, ки сазовори таъриф бошад.

«Инак, ба зудӣ меоям, ва мукофоти Ман бо Ман аст, то ки ҳар касро мувофиқи аъмолаш сазо диҳам» (Ваҳй 22:12).

«Ва акнун барои ман тоҷи адолат муҳайё гардидааст, ки онро Худованд, Довари одил, *дар он рӯз* ба ман хоҳад дод» (2Тимотиюс 4:8).

Оиди ҷои доварӣ ба 1Таслӯникиён 4:17; Матто 25:24-30 нигаред.

## 4. Доварии халқҳо

Замон: омадани Масеҳ дар ҷалол (Матто 25:31-32; 13:40-41). Макон: водии Еҳӯшофот (Юил 3:1-2, 12-14). Натиҷа: баъзеҳо наҷот ёфтанд, баъзеҳо ба ҳалокат расиданд (Матто 25:46). Асос: муносибат нисбати онҳое ки Масеҳ онҳоро «бародарони Ман» меномад (Матто 25:40, 45; Юил 3:3,6,7). Ин бародарон, чуноне ки мо фикр мекунем, боқимондаи яҳудиён мебошанд, ки дар давраи «мусибати бузург» назди Исо чун назди Масеҳи худ бармегарданд, ки баъди боло бурда шудани Ҷамоат ба амал меояд ва ҳангоме ки Худованди мо дар ҷалол меояд, ба охир мерасад (Матто 24:21-22; Ваҳй 7:14; 2Таслӯникиён 2:3-9). Шаҳодатҳои ин беҳад зиёданд, то онҳоро дар ин ҷо мисол оварем. Аммо равшан аст, ки ин «бародарон» наметавонанд имондорони ин марҳила бошанд, чунки пайдо намудани миқдори зиёди масеҳиёни то ин дараҷа бехабар, ки дар асл хизмат ба

Исои Масеҳ будани хизматгузории некиро надонанд, ғайриимкон аст.

Азбаски довариро бар халқҳои зинда баъзан аз доварии «тахти бузурги сафед» дар Ваҳй 20:11 фарқ намекунанд, фарқи байни ин ду рӯйдодро зикр намудан фоиданок аст.

| Халқҳои зинда | Тахти бузурги сафед |
|---|---|
| Растохез воқеъ нахоҳад шуд. | Растохез. |
| Халқҳои зинда маҳкум карда шудаанд. | «Мурдаҳо» маҳкум шудаанд. |
| Дар рӯи замин. | Осмону замин мегурехтанд. |
| Китобҳо нестанд. | «Дафтарҳо кушода». |
| Се гурӯҳ – гӯсфандон, бузҳо, «бародарон». | Як гурӯҳ – «мурдагон». |
| Вақте ки Масеҳ меояд. | Пас аз он ки Ӯ 1000 сол ҳукмронӣ мекунад. |

Муқаддасон дар давоми ин доварӣ бо Масеҳ ҳаммонанд карда мешаванд, барои ҳамин ба доварӣ гирифтор шуда наметавонанд. (1Қӯринтиён 6:2-ро бо Дониёл 7:22, Яҳудо 14-15 муқоиса намоед).

Дар ҳақиқат, доварии Тахти Бузурги Сафед ва доварӣ бар халқҳои зинда танҳо як умумият доранд: Довар.

**5. Доварӣ бар гуноҳкорони мурда**

Замон: рӯзи муайян баъди ҳукмронии ҳазорсола (Аъмол 17:31; Ваҳй 20:5,7).

Макон: назди тахти бузурги сафед (Ваҳй 20:11).

Натиҷа: лаънати ҷовидона (Ваҳй 20:15).

Эҳтимол, баъзеҳоро калимаи «рӯз» дар оятҳое мисли Аъмол 17:31 ва Румиён 2:16 безобита мекунад. Оятҳои зеринро хонед, ки дар онҳо «рӯз» маънои муддати дарозро дорад: 2Петрус 3:8; 2Қӯринтиён 6:2; Юҳанно 8:56. «Вақте» ки дар Юҳанно 5:25 зикр шудааст, аллакай беш аз 1900 сол давом дорад.

*Ин дарсро омӯхта, кори тафтишии рақами 4-ро иҷро намоед. Ҷавобҳоятонро бо ҷавобҳои дуруст, ки*

*дар охири ин китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед. Сипас кори имтиҳонии 4-ро иҷро кунед.*

## Кори тафтишии 4

### Оё шумо маводи дарси гузаштаро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рост гирди ҳарфи Д (дуруст) ё Н (нодуруст) доира кашед.*

1. Таълимот оиди растохези мурдагон бо роҳи хулосабарорӣ ба даст оварда шудааст, чунки оиди он дар Инҷил ҳеҷ чиз гуфта намешавад. Д Н
2. Масеҳият бе бовар ба ҳаққонияти растохез беҳуда аст. Д Н
3. Ду растохез ба амал меояд: растохези наҷотёфтагон ва растохези роҳгумзадагон. Д Н
4. Мувофиқи он чи дар Филиппиён 3:11 гуфта шуда-
аст, ҳамаи мурдагон дар як вақт зинда мешаванд Д Н
5. Таълимот оиди растохез танҳо ба ҷисм дахл дорад. Д Н
6. Гуноҳҳои гуноҳкори имондор аллакай дар салиб маҳкум карда шудаанд. Д Н
7. Касе ки ба Худованд Исо бовар дорад, аз ҳамаи довариҳое ки дар Навиштаҳо зикр шудаанд, озод аст. Д Н
8. Замони доварии назди Курсии Доварии Масеҳ баъди ҳукмронии ҳазорсола фаро мерасад. Д Н
9. Доварии халқҳои зинда дар «водии сояи зулмот» баргузор хоҳад гардид. Д Н
10. Гуноҳкорони мурда назди Тахти Бузурги

Сафед маҳкум хоҳанд шуд. Д Н

*Ҷавобҳои дурустро шумо дар охири китоб хоҳед ёфт. Ин кори тафтишиатонро барои тафтиш ба Мактаби Ғоибона нафиристед.*

## ДАРСИ ПАНҶУМ

# Шариат ва файз

Тақсимоти муҳимтарин дар Каломи Ҳақиқат тақсимот байни шариат ва файз аст. Ин принсипҳои фарққунанда ду марҳилаи муҳимтаринро тавсиф менамоянд – яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ.

«Зеро ки шариат ба воситаи Мусо ато шуд, аммо файз ва ростӣ ба воситаи Исои Масеҳ» (Юҳанно 1:17).

Аз ин албатта барнамеояд, ки то давраи Мусо шариат набуд ё то Исои Масеҳ файз ва ростӣ набуд. Манъи хӯрдани меваҳои дарахти маърифати неку бад (Ҳастӣ 2:17) *шариат* буд, ва *файз* бо роҳи мӯъҷизанок дар он зоҳир шуд, ки Худои Парвардигор, барои офаридаҳои Худ ғамхорӣ намуда, онҳоро бо либосҳо аз пӯст пӯшонид (Ҳастӣ 3:21), ки ин рамзи Масеҳ аст, ки «барои мо ... адолат шудааст» (1Қӯринтиён 1:30). Шариат ба маънои ошкоршавии ирода ва файзи Худо, ба маънои ошкоршавии марҳамати Худо ҳамеша вуҷуд дошт ва тасдиқҳои ин дар Инҷил бисёранд. Аммо «шариат», ки оиди он дар Навиштаҳо гуфта шудааст, ба воситаи Мусо дода шуда буд, ва он аз Сино то Ҷолҷолто ҳукмронӣ мекард ва вақтро тавсиф менамуд, чуноне ки файз низ ҳукмронӣ мекард ва марҳилаеро муайян мекард, ки дар Ҷолҷолто оғоз ёфт ва, мувофиқи пешгӯиҳо, бо боло бурда шудани Ҷамоат анҷом хоҳад ёфт.

Аммо дарк кардани он муҳим аст, ки Навишта ҳеҷ гоҳ *дар ҳеҷ марҳила* ин ду мафҳумро *омехта намекунад*. Ҳолатҳо ва тарзи амали шариат ҳамеша онро аз файз тамоман фарқ мекунонанд. Шариат

Худо аст, ки манъ мекунад ва талаб менамояд. Файз Худо аст, ки зорию тавалло мекунад ва ато мекунад. Шариат хизмати маҳкум кардан аст; файз – хизмати бахшидан. Шариат лаънат мехонад; файз аз ин лаънат бозмехарад. Шариат ба марг мерасонад; файз зинда мекунад. Шариат ҳамаи лабҳоро назди Худо маҳкам мекунад; файз даҳони ҳамаро мекушояд, то ки Ӯро ситоиш кунанд. Шариат байни Худо ва инсон чуқурии калони айбу гуноҳро мегузорад; файз бошад инсони гуноҳкорро ба Худо наздик меоварад. Шариат мегӯяд: «Чашме дар ивази чашме, дандоне дар ивази дандоне»; файз мегӯяд: «ба бадӣ муқобилат накун. Балки агар касе ба рухсораи рости ту торсакӣ занад, дигарашро низ ба сӯи ӯ бигардон». Шариат мегӯяд: «Аз душмани худ нафрат кун»; файз мегӯяд: «Душманатро дӯст бидор, барои лаънаткунандагони худ баракат бихоҳ». Шариат мегӯяд: «Иҷро кун ва зиндагӣ кун»; файз мегӯяд: «Бовар кун ва зиндагӣ кун». Шариат ҳеҷ гоҳ миссионерҳо надошт, файзро бояд ба ҳама мавъиза намуд. Шариат инсони беҳтаринро маҳкум мекунад, файз инсони бадтаринро сафед мекунад (Луқо 23:43; Румиён 5:8; 1Тимотиюс 1:15; 1Қӯринтиён 6:9-11). Шариат системаи ҷазоҳост, файз – системаи таҳсин (дуруст ҳисобидан). Шариат гуноҳкорро сангсор мекунад, файз бошад мегӯяд: «Ман туро маҳкум намекунам. Бирав ва дигар гуноҳ накун». Мувофиқи шариат, гӯсфанд аз дасти чӯпон мемирад, мувофиқи файз Шубон барои гӯсфандони Худ мемирад.

Дар ҳама ҷои Навишта файз ва шариат ба ҳамдигар мухолифанд.

*Омехта кардани онҳо дар бисёр таълимотҳои ҳозиразамон ҳам шариат ва ҳам файзро бемаъно мекунад; шариат аз ваҳмангез буданаш маҳрум мешавад, файз бошад аз озодиаш.*

Онҳое ки Навиштаҳоро меомӯзанд, бояд фаҳманд, ки «шариат» дар Инҷил умуман шариатеро, ки Мусо дода буд, дар назар дорад. Истисноро аз он қоида дар оятҳои зерин ёфтан мумкин аст: Румиён 3:27; 7:23; Ғалотиён 6:2. Баъзан *тамоми* шариати Мусо дар назар дошта шудааст; яъне ҳам «шариати ахлоқӣ» (чуноне ки дар даҳ фармуда пешкаш

шудааст) ҳам «шариати маросимӣ» (чуноне ки бо қурбониҳо ва ҳадяҳо пешкаш шудааст). Оятҳои зерин мисоли он мебошанд, ки дар Навиштаҳо оиди тамоми шариат чӣ гуфта шудааст: Румиён 6:14; Ғалотиён 2:16; 3:2. Баъзан сухан танҳо оиди *фармудаҳо* меравад, масалан, дар Румиён 3:19; 7:7-12. Баъзан сухан танҳо оиди қонуни *маросимӣ* меравад, масалан дар Қӯлассиён 2:14-17.

Ҳамчунин бояд дар ёд дошт, ки дар шариати маросимӣ тасвирҳои аҷиб ифода шудаанд, ки Шахсият ва хизмати Худованд Исоро чун Коҳин ва Қурбонӣ пешбинӣ мекунанд, ки дар хаймаи ҷомеъ (Хуруҷ 25-30) ва қурбониҳо (Ибодат 1-7) таҷассум ёфтаанд ва мӯъҷизаи беохир ва сарчашмаи шодмонӣ барои одамони рӯҳонӣ мебошанд.

Суханони Забур низ аз нуқтаи назари танҳо «хизмати мамот, ки дар ҳарфҳо бар санг нақш баста буд» (2Қӯринтиён 3:7), шарҳнашаванда мебуданд. Аммо ҳангоме дарк мекунем, ки онҳо ба Масеҳ ё бозхаридшудагон дахл доранд, фаҳмо мешаванд.

«Фақат ба шариати Худованд шавқ дорад, ва рӯзу шаб Таврoти Ӯро меомӯзад!» (Забур 1:2).

«Шариати Туро чӣ сон (тавр) дӯст медорам! Тамоми рӯз фикру хаёлам оиди он аст» (Забур 118:97).

Се ақидаи нодуруст, ки ба муносибатҳои ҳақиқии шариат ва файз дахл доранд, Ҷамоатро ором намегузоранд:

1. *Антиномия* ё рад кардани зарурати ҳар гуна қоидаҳо дар ҳаёти имондор; изҳорот оиди он ки азбаски одам ба воситаи файзи Худо наҷот ёфтааст, дигар ҳаёти муқаддасона ба сар бурдан даркор нест.

   «Онҳо мегӯянд, ки Худоро мешиносанд, лекин бо аъмолашон Ӯро инкор менамоянд, дар ҳолате ки зишткор (бадкирдор) ва беитоат буда, ба ҳеҷ амали нек қобил нестанд» (Титус 1:16).

   «Зеро баъзе касон пинҳонӣ даромадаанд, ки аз қадим ба ин маҳкумият таъин шуда буданд, ва Парвардигори ягона ва Исои Масеҳи Худованди моро инкор мекунанд» (Яҳудо 4).

2. *Маросимчигӣ* ё талаб оиди он ки имондорон бегуфтугӯ фармонҳои левизодагонро риоя кунанд.

   «Баъзе касон аз Яҳудо омада ва бародаронро таълим дода, мегуфтанд: агар мувофиқи оини Мусо махтун (хатна) нашавед, наҷот ёфта наметавонед» (Аъмол 15:1).

   Дар давраи мо ин ақидаи нодуруст дар таълим оиди он ки барои наҷот риояи низомҳои ҷамоатӣ даркоранд (таъмид ва шоми Худованд), ифода меёбад.

3. *Саҳви ғалотиён* ё омехта кардани шариат ва файз – таълим оиди он ки сафедшавӣ қисман аз рӯи файз аст ва қисман аз рӯи шариат; ё файз барои он дода шудааст, то ба гуноҳкори нотавон имкон дода шавад, ки шариатро ба ҷо оварад.

   Худо ба ин ақидаи нодурусти паҳншуда дар Нома ба Ғалотиён бо қатъият ҷавоб мегардонад, ки дар он мо огоҳонидани ҷиддиро дармеёбем, мантиқи бехаторо мебинем ва арзҳои боэътимодро мехонем.

   «Фақат инро аз шумо фаҳмидан мехоҳам: оё шумо Рӯҳро аз аъмоли шариат қабул кардаед, ё ки аз мавъизаи имон? Оё он қадар шумо нофаҳм ҳастед, ки бо Рӯҳ сар карда, алҳол бо ҷисм анҷом медиҳед?» (Ғалотиён 3:2-3).

   «Тааҷҷуб менамоям, ки ин қадар зуд аз Он ки шуморо ба файзи Масеҳ даъват намудааст, баргашта, ба башорати дигаре мегузаред, ки он на дигарест, балки фақат баъзе касоне ҳастанд, ки шуморо ба изтироб меандозанд ва башорати Масеҳро таҳриф кардан мехоҳанд. Лекин агар ҳатто мо ё фариштае аз осмон Инҷиле бар хилофи он чи ба шумо башорат додаем, ба шумо башорат диҳад, малъун (лаънатзада) бод» (Ғалотиён 1:6-8).

Дар оятҳои зерин шумо мебинед, ки Навишта оиди ин чӣ таълим медиҳад. Дар онҳо танҳо оиди шариати ахлоқӣ гуфта шудааст.

## 1. Шариат чист?

«Бинобар ин шариат муқаддас аст, ҳукми он низ муқаддас, барҳақ ва нек аст» (Румиён 7:12).

«Зеро мо медонем, ки шариат рӯҳонӣ мебошад, вале ман нафсонӣ ҳастам ва ба гуноҳ фурӯхта шудаам» (Румиён 7:14).

«Зеро ки ман ба ҳасби инсони ботинӣ аз шариати Худо лаззат мебарам» (Румиён 7:22).

«Лекин мо медонем, ки шариат нек аст, кас агар онро ба таври шаръӣ (қонунӣ) ба кор барад» (1Тимотиюс 1:8).

«Аммо шариат аз имон нест, вале касе ки онро ба ҷо меоварад, бо он зиндагӣ хоҳад кард» (Ғалотиён 3:12).

## 2. Истифодаи дурусти шариат

«Пас чӣ гӯем? Оё шариат бо гуноҳ якест? Ба ҳеҷ ваҷҳ. Лекин ман гуноҳро маҳз ба воситаи шариат донистаам. Зеро агар шариат намегуфт, ки "тамаъ* накун", ман намедонистам, ки тамаъ чист» (Румиён 7:7; инчунин ояти 13-ро бинед).

«Чунки бо аъмоли шариат ҳеҷ одаме пеши Ӯ сафед нахоҳад шуд; зеро ки гуноҳ ба воситаи шариат дониста мешавад» (Румиён 3:20).

«Пас шариат барои чист? *Он баъдтар аз боиси ҷиноятҳо дода шудааст*» (Ғалотиён 3:19).

(Шариат танҳо як забон дорад, он танҳо барои он гап мезанад, ки маҳкум кунад.)

«Лекин тамоми аҳли аъмоли шариат зери дасти лаънат мебошад; зеро ки навишта шудааст: "Малъун аст ҳар касе ки ҳар чизи дар китоби шариат навишташударо доимо ба ҷо намеоварад» (Ғалотиён 3:10).

«Касе ки тамоми шариатро риоя намуда, валекин дар як чиз гуноҳ кунад, нисбат ба ҳама чиз айбдор мешавад» (Яъқуб 2:10).

«Хизмати мамот, ки дар ҳарфҳо бар санг нақш баста буд» (2Қӯринтиён 3:7).

«Хизмати маҳкумкунӣ» (2Қӯринтиён 3:9).

---

* тамаъ – хоҳиши доро шудан ба чизе ки аз они дигарест

«Ман як вақте бе шариат зиндагӣ мекардам; аммо вақте ки ҳукми шариат ба майдон омад, гуноҳ ҷон гирифт» (Румиён 7:9).

«Қуввати гуноҳ шариат аст» (2Қӯринтиён 15:56).

Равшан мешавад, ки Худо шариатро баъди 2500 сол бе он зистани инсоният дода, мехост, ки инсон аввалан гуноҳи худ ва баъд нотавонии пурраи худро назди талаботи одилонаи Худо дарк намояд. Ин танҳо хизмати маҳкумият ва марг аст.

## 3. Чиро шариат карда наметавонад

«Чунки бо аъмоли шариат ҳеҷ одаме пеши Ӯ сафед нахоҳад шуд, зеро ки гуноҳ ба воситаи шариат дониста мешавад» (Румиён 3:20).

«Лекин, чун донистем, ки одамизод на бо аъмоли шариат сафед мешавад, балки фақат бо имон ба Исои Масеҳ, – мо ҳам ба Исои Масеҳ имон овардем, то ки бо имон ба Масеҳ сафед шавем, на ин ки бо аъмоли шариат; зеро ки бо аъмоли шариат ҳеҷ ҷисме сафед нахоҳад шуд» (Ғалотиён 2:16).

«Файзи Худоро ботил* намекунам; зеро, агар сафед шудан ба воситаи шариат бошад, Масеҳ бар абас мурдааст» (Ғалотиён 2:21).

«Ва ин ки ҳеҷ кас ба воситаи шариат ба ҳузури Худо сафед намешавад, ин равшан аст, чунки одил ба воситаи имон зиндагӣ хоҳад кард» (Ғалотиён 3:11).

«Зеро, азбаски шариат бо айби ҷисм суст шуда, ноилоҷ монда буд, Худо Писари Худро ба сурати ҷисми пургуноҳ ва барои гуноҳ фиристода, гуноҳро дар ҷисм маҳкум кард» (Румиён 8:3).

«Ва аз ҳар чизе ки ба василаи шариати Мусо сафед шуда натавонистед, ҳар имондор ба василаи Ӯ сафед хоҳад шуд» (Аъмол 13:39).

«Чунки шариат ҳеҷ чизро ба камол нарасондааст; лекин умеди беҳтаре ҷои онро гирифт, ки ба василаи он мо ба Худо наздик меоем» (Ибриён 7:19).

## 4. Имондор зери шариат нест

---

* ботил – ҳеҷу пуч

Боби шашуми Нома ба Румиён (оятҳои 1-10) таълим оиди бо Масеҳ дар марги Ӯ пайвастани имондорро (ки ғӯта рамзи он аст) эълон намуда, аз ояти 11 принсипҳоеро баён мекунад, ки имондор дар ҳаёти худ онҳоро бояд ба роҳбарӣ гирад – қоидаҳои ҳаётии ӯ. 12 ояти боқимонда маҳз ба ҳамин бахшида шудаанд; ояти 14 принсипи бузурги раҳо шуданро дорад – раҳо шудан на аз *айби* гуноҳ, ки бо Хуни Масеҳ шуста мешавад – балки аз *ҳукмронии* гуноҳ, аз ғулом будани имондор дар гуноҳ.

«Зеро ки гуноҳ дигар набояд бар шумо ҳукмронӣ кунад: шумо, охир, *тобеи шариат не*, балки *тобеи файз* ҳастед».

Ва барои он ки ин боиси ғалати даҳшатоваре нашавад, ки гӯё ҳаёти порсоёна* нодаркор ва ғайримуҳим аст, Рӯҳ дарҳол илова менамояд:

«Пас чӣ кунем? Оё гуноҳ кардан гирем ба он сабаб ки тобеи шариат не, балки тобеи файз ҳастем? Ба ҳеҷ ваҷҳ» (Румиён 6:15).

Бе ягон шубҳа, ҳар дили навшуда ба ин «омин» мегӯяд.

Сипас дар боби 7-уми Нома ба Румиён як принсипи дигари раҳо шудан аз шариат эълон карда мешавад.

«Шумо низ, эй бародарон, ба воситаи Бадани Масеҳ ба шариат мурдаед, то ки ба Дигаре, ба он ки аз мурдагон эҳё шуд, тааллуқ дошта бошед, барои он ки мо ба Худо самаре оварем. Зеро, вақте ки мо ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекардем, ҳаваси гуноҳҳое ки ба воситаи шариат ошкор мешуд, дар андоми мо амал мекард, барои он ки ба мамот самаре оварем; лекин ҳоло мо ба шариате ки моро баста буд, мурда, аз он фориғ (озод) шудаем, то ки мувофиқи рӯҳи тоза бандагӣ кунем (ба Худо), на ин ки мувофиқи ҳарфи кӯҳна» (Румиён 7:4-6). (Дар ин ҷо сухан дар бораи шариати маросимӣ намеравад, ояти 7).

«Зеро ки ман ба воситаи шариат ба шариат мурдаам, то ки барои Худо зиндагӣ кунам» (Ғалотиён 2:19).

---

* порсо – 1) диндор, худотарс 2) хоксор

«Аммо пеш аз омадани имон зери дасти посбонии шариат банд будем, то даме ки имон мебоист зоҳир мешуд. Пас, шариат асокаши мо сӯи Масеҳ гардид, то ки ба воситаи имон сафед шавем; аммо вақте ки имон омад, мо дигар зери дасти асокаш нестем» (Ғалотиён 3:23-25).

«Лекин мо медонем, ки шариат нек аст, кас агар онро ба таври шаръӣ *ба кор барад, ва инро бидонад, ки шариат на барои одил дар миён гузошта шудааст» (1Тимотиюс 1:8-9).

## 5. Қоидаи ҳаёти масеҳӣ чӣ гуна аст?

«Касе гӯяд, ки дар Ӯ собит мемонад, вай бояд тавре рафтор кунад, ки Ӯ рафтор мекард» (1Юҳанно 2:6).

«Мо муҳаббатро аз он донистем, ки Ӯ ҷони Худро барои мо фидо кард. Мо ҳам бояд ҷонҳои худро барои бародарон фидо кунем» (1Юҳанно 3:16).

«Эй маҳбубон! Аз шумо, ҳамчун ғарибон ва муҳоҷирон, хоҳишмандам, ки аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон қиём мекунанд, парҳез намоед» (1Петрус 2:11; инчунин оятҳои 12-23).

«Пас, ман, ки дар Худованд бандӣ ҳастам, аз шумо хоҳишмандам, ки муносиби мақоме ки ба он хонда шудаед, рафтор кунед, бо тамоми мулоимат ва фурӯтанӣ ва пурсабрӣ якдигарро дар муҳаббат таҳаммул (тоқат) намоед» (Эфсӯсиён 4:1-2).

«Пас, эй фарзандони маҳбуб, ба Худо тақлид намоед, ва дар муҳаббат рафтор кунед, чунон ки Масеҳ низ ба мо муҳаббат дошт ва Худро барои мо таслим намуд» (Эфсӯсиён 5:1-2).

«Зеро ки шумо як вақте зулмот будед, вале ҳоло нуре дар Худованд ҳастед: чун фарзандони нур рафтор кунед» (Эфсӯсиён 5:8).

«Пас, бо диққат назар кунед, ки чӣ гуна рафтор менамоед, на чун бехирадон, балки чун хирадмандон, ва фурсатро ғанимат донед, чунки ин рӯзҳо шарир аст» (Эфсӯсиён 5:15-16).

---

* шаръӣ - аз рӯи шариат

«Вале ман мегӯям: бар тибқи Рӯҳ рафтор кунед, ва шумо ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард» (Ғалотиён 5:16).

«Зеро ба шумо намунае нишон додам, то, чунон ки ман бо шумо кардам, шумо низ бикунед» (Юҳанно 13:15).

«Агар аҳкоми Маро риоят кунед, дар муҳаббати Ман хоҳед монд, чунон ки Ман аҳкоми Падари Худро риоят кардам, ва дар муҳаббати Ӯ мемонам» (Юҳанно 15:10).

«Ҳукми ман ин аст, ки якдигарро дӯст доред, чунон ки Ман шуморо дӯст доштам» Юҳанно 15:12).

«Ҳар кӣ аҳкоми маро дорад ва риоят кунад, вай касест, ки маро дӯст медорад» (Юҳанно 14:21).

«Ва ҳар чӣ талаб кунем, аз Ӯ меёбем, чунки аҳкоми Ӯро риоят мекунем ва он чи ба ҳузури Ӯ мақбул аст, ба амал меоварем. Ва ҳукми Ӯ ин аст, ки мо ба исми Писари Ӯ Исои Масеҳ имон оварем ва якдигарро дӯст дорем, чунон ки Ӯ ба мо ҳукм кардааст» (1Юҳанно 3:22-23).

«Ин аст аҳде ки бо онҳо баъд аз он айём хоҳам баст, мегӯяд Худованд: қонунҳои Худро дар дилҳои онҳо хоҳам гузошт ва дар афкори онҳо хоҳам навишт» (Ибриён 10:16).

Муҳаббати модарӣ тасвири бисёр хуби ин принсип буда метавонад. Қонун талаб менамояд, ки волидон барои фарзандонашон ғамхорӣ намоянд, дар он ба волидон барои беэътиноӣ ба фарзандон ҷазоҳо пешбинӣ шудаанд; аммо миқдори зиёди модароне ки оиди ин қонун тасаввуроте надоранд, бо муҳаббати навозишкорона ба фарзандонашон ғамхорӣ менамоянд. *Ин қонун дар дили онҳо навишта шудааст.*

Ба ёд овардан фоиданок аст, ки Худо қарор дод, то лавҳаҳои шариат дар даруни сандуқи аҳд нигоҳ дошта шаванд. Ҳамроҳи онҳо ҳамчунин бояд «зарфи тиллоӣ бо манн ва асои шукуфтаи Ҳорун» (якумаш рамзи Масеҳ чун нони мо дар биёбон мебошад, дуюмаш – растохез, илова бар ин, ҳар ду оиди файз шаҳодат медоданд) нигоҳ дошта мешуданд. Онҳо бо сарпӯши тиллоии ба болояш хуни кафорат пошидашуда маҳкам карда шуда буданд. Чашми

Худо шариати Худро, ки аз тарафи Исроил чунин ғамангезона вайрон шуда буд, танҳо *ба воситаи хун*, ки адолати Ӯро пурра исбот менамуд ва ғазаби Ӯро паст мекард (Ибриён 9:4-5), дида метавонист.

Инҳо китобдонони ҳозиразамон мебошанд, ки он лавҳаҳои пок ва одилона, аммо марговарро аз зери сарпӯш ва хуни кафораткунада берун овардаанд ва онҳоро ба ҷамоатҳои масеҳӣ ба сифати қоидаҳои ҳаёти масеҳӣ даровардаанд.

## 6. Файз чист?

«Аммо вақте ки файз ва одамдӯстии Наҷотдиҳандаи мо Худо зоҳир шуд, Ӯ моро на бар тибқи аъмоли одилонае ки мо мекардем, балки ба ҳасби марҳамати Худ наҷот дод» (Титус 3:4-5).

«То ки дар асрҳои оянда сарвати беҳадди файзи Худро дар *меҳрубоние ки ба мо дар Исои Масеҳ дорад*, зоҳир намояд» (Эфсӯсиён 2:7).

«Лекин Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки *ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд*» (Румиён 5:8).

## 7. Мақсади Худо дар файз чист?

«Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад»
(Эфсӯсиён 2:8-9).

«Зеро файзи Худо, ки барои ҳамаи одамон наҷотбахш аст, зоҳир шудааст, ва моро таълим медиҳад, ки маъсият* ва шаҳавоти* дунёро рад намуда, дар ин дунё бо исмат, адолат ва парҳезгорӣ зиндагӣ кунем, ва мунтазири умеди муборак ва зуҳури ҷалоли Худои азим ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ бошем» (Титус 2:11-13).

«То ки мо, бо файзи Ӯ сафед шуда, ба ҳасби умед ворисони ҳаёти ҷовидонӣ гардем» (Титус 3:7).

«Ва ройгон, бо файзи Ӯ, ба воситаи кафорате ки дар Исои Масеҳ аст, сафед карда мешаванд» (Румиён 3:24).

---

* маъсият – гуноҳ, хато, исён

* шаҳавот – ҷамъи шаҳват; майлу хоҳишҳо

«Ки ба воситаи Ӯ мо бо имон сӯи ин файзе роҳ ёфтаем, ки дар он истодаем» (Румиён 5:2).

«Акнун, эй бародарон, шуморо ба Худо ва ба каломи файзи Ӯ месупорам, ки қодир аст шуморо обод гардонад ва дар миёни ҳамаи муқаддасон ба шумо меросе бибахшад» (Аъмол 20:32).

«Барои ҳамду санои ҷалоли файзи Худ, ки ба мо дар Маҳбуби Худ бо саховатмандӣ бахшидааст» (Эфсӯсиён 1:6-7).

«Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем, то ки марҳамат ба даст оварем ва барои мадади саридарвақт файз ёбем» (Ибриён 4:16).

Файз чӣ қадар ҳамаҷониба ва пурра аст! Он наҷот медиҳад, сафед мекунад, меофарад, мақбул мекунад, бозмехарад, мебахшад, ворис мегардонад, назди Худо мавқеъ медиҳад, тахти файзро ато мефармояд, ки назди он мо метавонем бо далерӣ барои марҳамат ва ёрӣ оем; он ба мо зистанро меомӯзонад ва ба мо умеди муборакро медиҳад!

Танҳо бояд зикр кард, ки ин ду принсип набояд омехта шаванд.

«Аммо агар ин мувофиқи файз бошад, пас мувофиқи аъмол нест, вагарна файз дигар файз нашуда мемонад. Ва агар мувофиқи аъмол бошад, пас ин дигар файз нест, вагарна амал дигар амал нашуда мемонад» (Румиён 11:6).

«Барои касе ки амал мекунад, муздаш на аз рӯи эҳсон, балки аз рӯи ӯҳдадорӣ ҳисоб карда мешавад; лекин барои касе ки амал намекунад, балки имон меоварад ба Он ки осиёнро сафед мекунад, имонаш адолат ҳисоб карда мешавад» (Румиён 4:4-5; инчунин ниг. Ғалотиён 3:16-18; 4:21-31).

Ва дар охир:

«Хуллас, эй бародарон, мо фарзандони каниз нестем, балки фарзандони зани озодем» (Ғалотиён 4:31).

«Шумо наздик наомадаед ба кӯҳе ки ламсшаванда ва оташфишон аст, ба торикӣ ва зулмот ва тундбод, ё ба овози карнай ва садои суханон, ки шунавандагонаш илтимос карданд, ки ба онҳо дигар сухане гуфта нашавад, зеро ба он тоб оварда натавонистанд, ки амр фармуда шуда буд: "Агар

ҳайвоне низ ба кӯҳ бирасад, сангсор ё тирборон хоҳад шуд”. Ва ин манзара он қадар даҳшатангез буд, ки Мусо гуфт: ”Ман тарсону ларзон шудам”. Балки шумо наздик омадаед ба кӯҳи Сион ва ба шаҳри Худои Ҳай, ба Уршалими осмонӣ ва беварҳои* фариштагон, ва ба анҷумани пуртантана ва Ҷамоати нахустзодагоне ки дар афлок навишта шудаанд, ва ба Худое ки Довари ҳама аст, ва ба арвоҳи одилоне ки ба камол расидаанд, ва ба Исо, ки Миёнарави аҳди ҷадид аст, ва ба Хуни пошиданӣ, ки назар ба хуни Ҳобил хубтар сухан мегӯяд» (Ибриён 12:18-24).

Ҳамин тариқ сухан оиди ба «қонуни ахлоқӣ» ва «қонуни маросимӣ» тақсим кардани он чи Худо дар кӯҳи Сион гуфта буд, намеравад – имондор умуман ба ин кӯҳ намеояд.

Буняни хирадманд чунин гуфта буд:

«Имондор бо бовар ба Худованд Исо чунон росткории комил ва муборакро дар бар мекунад, ки шариати даҳшатовар аз кӯҳи Сино дигар наметавонад дар он айбе ёбад. *Он росткории Худо бе шариат номида мешавад*».

Агар шумо, ки бо ин курс машғул ҳастед, то ҳол наҷот наёфта бошед, пас бо муҳаббат ба шумо пешниҳод мекунем, ки ҳукми ҳаққонии шариати пок ва ростро, ки вайрон намудаед, қабул намоед: «Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум гаштаанд» (Румиён 3:23).

Чунин одам дар Масеҳ наҷоти комил ва ҷовидонӣ меёбад, зеро навишта шудааст: «Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт» (Румиён 10:9); «Чунки Масеҳ анҷоми шариат аст барои адолати ҳар касе ки имон меоварад» (Румиён 10:4).

*Ин дарсро омӯхта, кори тафтишии рақами 5-ро иҷро намоед. Ҷавобҳоятонро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири ин китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед. Сипас кори имтиҳонии 5-ро иҷро кунед.*

---

* бевар – 10 ҳазор

## Кори тафтишии 5

### Оё шумо маводи дарси гузаштаро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рост гирди ҳарфи Д (дуруст) ё Н (нодуруст) доира кашед.*

1. Марҳилаҳои яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ бо ду принсипи фарқкунандаи шариат ва файз тавсиф меёбанд. Д Н

2. То давраи Мусо ягон шариат (қонун) набуд. Д Н

3. То давраи Масеҳ файз набуд. Д Н

4. Дар Паймони Навин «шариат» гуфта танҳо шариати Мусо дар назар дошта шудааст. Д Н

5. Гумроҳии ғалотиён дар омехта кардани шариат ва файз буд. Д Н

6. Шариат бояд ҳақиқати гуноҳро ошкор намояд. Д Н

7. Одам бо иҷро намудани шариати Худо наҷот ёфта метавонад. Д Н

8. Шариати Мусо барои масеҳӣ қоидаи ҳаёт мебошад, чуноне ки барои яҳудиён буд. Д Н
9. Ҷудо кардани талаботи шариат ба «қонуни ахлоқӣ» ва «қонуни маросимӣ» мумкин ва фоиданок аст, ва имондорон бояд якумашро иҷро намоянд вале дуюмашро не. Д Н

10. Дар Румиён 10:4 гуфта шудааст: «Чунки Масеҳ анҷоми шариат аст барои адолати ҳар касе ки имон меоварад». Д Н

*Ҷавобҳои дурустро шумо дар охири китоб хоҳед ёфт. Ин кори тафтишиатонро барои тафтиш ба Мактаби Ғоибона нафиристед.*

## ДАРСИ ШАШУМ

# Имондор

## Ду табиати имондор

Навишта таълим медиҳад, ки ҳар шахсе ки аз олами боло зода шудааст, ду табиат дорад: яке ҳангоми зодашавии табиӣ ба даст омадааст, ки пурра бад аст; дигаре табиати нав, ки ҳангоми зодашавии нав ба даст омадааст, – ин табиати Худи Худост, ва бинобар ин он комил аст.

Оятҳои зерин оиди он мегӯянд, ки Худо оиди табиати кӯҳна ё табиати Одам чӣ фикр дорад:

“Инак, ман дар гуноҳ офарида шудаам, ва модарам дар хато ба ман ҳомила гардидааст” (Забур 50:7).

“Дил аз ҳама маккортар аст, ва он шифонопазир аст; кист ки онро дарк кунад?” (Ирмиё 17:9).

“Касе одил нест, як нафар ҳам нест; касе соҳибфаҳм нест, касе толиби Худо нест; ҳама гумроҳ шудаанд, аз як сар корношоям593; некӯкоре нест, як нафар ҳам нест” (Румиён 3:10-12). Худо намегӯяд, ки дар байни наҷотнаёфтагон шахсони олиҳиммат, маданӣ, болаёқат, раҳмдил, саховатманд, дилсӯз ё худотарс нестанд; Худо мегӯяд, ки ҳеҷ кас росткории Худоро надорад, ҳеҷ кас Худоро намефаҳмад ва ҳеҷ кас Худоро намеҷӯяд.

Баҳодиҳии илоҳии табиати инсонро фаҳмидан ва қабул кардан яке аз санҷишҳои пуразоби бовар аст; дарки он ки дӯстони самимӣ ва хушахлоқи мо, ки вазифаҳои худро дуруст ва аз рӯи виҷдон иҷро мекунанд, ва ба нохушиҳову орзуҳои инсоният ҳамроз мебошанд, ва барои ҳимояи ҳуқуқи инсон ба фидокориҳо тайёранд, дар айни ҳол ҳуқуқи Худоро сарфи назар мекунанд ва нисбати фидокории Писари

Ӯ бепарвоянд, илоҳияти Ӯро инкор мекунанд ва аз каломи Ӯ рӯ мегардонанд. Зани бовиҷдон ва олиҳиммате ки аз дурӯғ гуфтан ба наздикон ба даҳшат меояд, ҳар рӯз Худоро дурӯғгӯ меҳисобад! (Ниг. 1Юҳанно 1:10; 5:10). Ва он чи мо дар мавъизаҳо дар васфи некӯкории ботинии инсон мешунавем, душвории ин ҳолатро бадтар мекунад.

Пеш аз тӯфон тазоди ҳақиқат ва он чи ба назар менамуд, то чӣ андоза сахт ва тарсовар буд. “Дар он рӯзгорон дар замин баҳодурон буданд, алалхусус баъд аз замоне ки писарони Худо (авлодони Шет) назди духтарони одамизод (авлодони Қобил) омаданд, ва онҳо барояшон фарзанд оварданд. Ин паҳлавонон аз қадимулайём мардони номвар буданд” (Ҳастӣ 6:4).

Дар чашмони одам ҷаҳон беҳтар мешуд; охир, дар натиҷаи ин омезиши нопоки чизи илоҳӣ ва дунявӣ табиати инсонӣ ба баландии беандоза мебаромад.

Аммо инак,

“Ва Худованд дид, ки бадкирдории одамизод дар замин бисёр аст, ва ҳамаи фикру андешаҳои дили ӯ ҳамеша фақат бад аст” (Ҳастӣ 6:5).

Ва давомаш.

“Зеро ки аз даруни дили одам хаёлоти бад, зино, фисқ*, қатл, дуздӣ, тамаъ, кина, макр, ҳирс*, чашми бад, куфр, ғурур ва ҷаҳолат пайдо мешавад. Тамоми ин чизҳои бад аз дарун пайдо шуда, одамро палид мекунад” (Маркус 7:21-23).

“Аммо одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари ӯ ҷаҳолат аст; ва онро дарк карда наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад” (1Қӯринтиён 2:14).

“Чунки фикрҳои ҷисмонӣ душманӣ ба Худост, зеро ки ба шариати Худо итоат намекунад ва наметавонад итоат кунад. Бинобар ин онҳое ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, ба Худо писанд афтода наметавонанд” (Румиён 8:7-8).

---

* фисқ – бадахлоқии ҷинсӣ

* ҳирс – майлу рағбати нохуб барои доро шудан ба чизе

“Дар миёни онҳо ҳамаи мо низ як вақте аз рӯи шаҳавоти ҷисми худ зиндагӣ карда, ҳавасҳои ҷисм ва хаёлотро ба ҷо меовардем ва табиатан, мисли дигарон, фарзандони ғазаб будем” (Эфсӯсиён 2:3).

Ҳамин тариқ, шахси бозгаштнакарда аз се ҷиҳат қобилият надорад. Ӯ метавонад болаёқат, бомаданият, маълумотнок, хайрхоҳ, саховатманд ва диндор бошад. Ӯ метавонад ҳамеша қарзҳояшро пардохт намояд, бовиҷдон ва меҳнатдӯст, шавҳар ва падари хуб бошад, аммо ӯ ба Худо итоат кардан наметавонад, ба Худо писанд омадан наметавонад ва Худоро фаҳмидан наметавонад.

Имондор бошад, баръакс, дар баробари табиати кӯҳнааш, ки онро дигаргун кардан ғайриимкон аст, табиати нав ба даст овардааст, ки “ба шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти ростӣ офарида шудааст”.

Оятҳои навбатӣ оиди асли пайдоиш ва хислати одами нав мебошанд.

Мо мебинем, ки аз нав зода шудан на табдили оддӣ, балки офариниш аст; ин на дигаргун намудани чизи кӯҳна, балки ворид намудани чизи нав аст. Мо табиати одамиро ҳангоми зодашавии табиии худ қабул намудаем, табиати илоҳиро бошад мо ҳангоми *аз нав зода шудан* қабул менамоем.

«Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям (ба Ниқӯдимӯс, шахси хушахлоқ ва диндор), кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад» (Юҳанно 3:3).

«Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд, ки на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши марде, балки аз Худо таваллуд ёфтаанд» (Юҳанно 1:12-13).

«Зеро ки ҳамаи шумо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ писарони Худо ҳастед» (Ғалотиён 3:26).

Дар ин ҷо аён аст, ки ин оятҳо ба суханони пурмаъно ва ҷолиб, аммо комилан ғайриилоҳӣ, ки имрӯзҳо хеле маъмуланд, чӣ муносибате доранд: «Падарии умумиҷаҳонии Худо, ва бародарии умумии одам» – ин суханон аз сабаби қисман ҳақиқат будани қисми дуюм боз ҳам хатарноктар мебошанд. На ҳамаи зодашудагон, балки ҳамаи

онҳое ки *аз нав зода шудаанд*, фарзандони Худо мешаванд. Дар Навишта гуфта шудааст, ки Одам писари Худо буд, аммо ҳамчунин навишта шудааст, ки Шет писари Одам буд (Луқо 3:38).

“Ва одами навро, ки ба шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти ростӣ офарида шудааст, дар бар кунед”
(Эфсӯсиён 4:24).

«Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак, ҳама чиз нав шудааст» (2Қӯринтиён 5:17).

Ва ин «одами нав» бо Масеҳ вобаста аст.

«Ман бо Масеҳ маслуб шудаам. Ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад. Ва ин ки ҳоло дар ҷисм зиндагӣ мекунам, ин яъне бо имон ба Писари Худо зиндагӣ мекунам, ки Ӯ маро дӯст дошт, ва Худро барои ман таслим кард» (Ғалотиён 2:19-20).

«... ба онҳо Худо таваҷҷӯҳ намуда огоҳӣ дод, ки сарвати ҷалоли ин сирро барои халқҳо огоҳӣ диҳам, ва он сир ин аст, ки Масеҳ дар шумо умеди ҷалол аст» (Қӯлассиён 1:27).

«Зеро ки шумо мурдаед, ва ҳаёти шумо бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст» (Қӯлассиён 3:3-4).

«Ки бо онҳо ба мо ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо дода шудааст, то ки шумо ба воситаи онҳо шарики табиати илоҳӣ гардида, аз фасоди* шаҳват*, ки дар ҷаҳон ҳукмфармост, дур шавед» (2Петрус 1:4).

«Ва агар Масеҳ дар шумо бошад, ҷисм ба воситаи гуноҳ мурда аст, вале рӯҳ ба воситаи адолат зинда аст» (Румиён 8:10).

«Ва ин шаҳодат аз он иборат аст, ки Худо ба мо ҳаёти ҷовидонӣ ато намудааст, ва ин ҳаёт дар Писари Ӯст» (1Юҳанно 5:11-12).

Аммо ин табиати нави илоҳӣ, табиати Худи Масеҳ, дар имондор ҳамроҳи табиати кӯҳнааш вуҷуд дорад. Фириста Павлус мегӯяд: «Акнун на ман, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад», ва ӯ ҳамчунин мегӯяд: «Зеро медонам, ки дар ман, яъне

---

* фасод – вайронӣ, ифлосӣ

* шаҳват – майли ҷинсӣ

дар ҷисми ман, чизи нав мавҷуд нест» (Румиён 7:18). Ва низ мегӯяд:«Хуллас, ман чунин қонун пайдо мекунам, ки ҳангоме ки ман мехоҳам кори нек кунам, аз ман кори бад сар мезанад» (Румиён 7:21). Айюб, ки «беайб ва росткор» буд, гуфта буд: «Аз суханам нафрат дорам ва пушаймон мешавам».

Ин ду табиат дар ҳолати ихтилофи доимӣ мебошанд. Дар 7:14-25 оиди муҳорибаи байни ду «ман»-и Шоули кӯҳна ва Павлуси нав бо диққат хонед. Маҳз ҳамин ҳиссиёт, ҳамин муҳориба шасти навбоваронро мегардонад ва ҳайрон мекунад. Хурсандии якуми бозгашт намудан (аз гуноҳ сӯи Масеҳ) тадриҷан аз байн меравад, интизориҳои пурҷӯшу хурӯш сард мешаванд, ва шахси бозгашткарда пай мебарад, ки ҷисми ӯ бо одатҳо ва хоҳишҳои кӯҳнааш боқӣ мондааст, ва ӯ гумон мекунад, ки шояд Худо ӯро қабул накардааст. Вақти рӯҳафтодагӣ ва хатар фаро мерасад. Павлус, ба чунин бӯҳрон афтода, табиати кӯҳнаи худро «ҷисми гирифтори мамот» меномад ва оиди раҳоӣ илтиҷо мекунад. Шариат азобҳои ӯро танҳо сахттар мекунад (агарчи ӯ бозгашт намудааст), ва раҳоиро аз ҷисм на дар кӯшишҳои худ ё дар риояи шариат, балки ба воситаи «Исои Масеҳи Худованди мо» мебинад (Румиён 7:24-25).

Аммо мавҷуд будани ҷисм баҳонаи он буда наметавонад, ки шахс дар он зистанро давом медиҳад. Ба мо гуфта шудааст, ки «одами кӯҳна бо Масеҳ маслуб карда шудааст»; ва ба ин маъно мо «мурдаем», ва бояд ҳамеша андоми заминии худро бикушем.

Қувва барои ин дар Рӯҳи Пок аст, ки дар ҳар як имондор сокин аст (1Қӯринтиён 6:19), ки вазифаи пурбаракаташ фурӯ нишондани ҷисм аст.

«Ман мегӯям: бар тибқи Рӯҳ рафтор кунед, ва шумо ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард; зеро ки ҷисм хилофи Рӯҳро хоҳон аст, ва Рӯҳ – хилофи ҷисмро: онҳо зидди якдигаранд, ба тавре ки шумо он чи мехостед, намекунед» (Ғалотиён 5:16-17).

«Зеро ки агар шумо ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунед, албатта хоҳед мурд; аммо агар аъмоли ҷисмониро ба

воситаи Рӯҳ бикушед, зинда хоҳед монд» (Румиён 8:13).

Ҳамин тариқ, ба дастдарозиҳои табиати кӯҳна бо қувваи ирода ё қарори сар кардани ҳаёти нав муқобилат накарда, ин ихтилофро ба Рӯҳи Пок вогузоред, ва Ӯ онро ҳал мекунад.

Боби ҳафтуми Нома ба Румиён – шаҳодати мубоhризаи шахси аз нав зодашуда бо табиати кӯҳнаи худ аст, ва бинобар ин он хусусияти шахсӣ дорад. «Мехоҳам», «намекунам», «намехоҳам», «мекунам» – эътирофи ғамангези нобарории худ аст, ки ба бисёр дилҳои масеҳӣ фаҳмост. Дар боби ҳаштум мубориза давом мекунад, аммо акнун он хусусияти баракатноки бешахс дорад! Азобҳо қатъ гардидаанд, зеро Павлус акнун дар мубориза иштирок намекунад; акнун «ҷисм» – Шоули Тарсусӣ – ва Рӯҳи Пок мубориза мебаранд. Павлус ғолиб омад ва тамоман осуда аст. (Маълум аст, ки ин ба ғалаба бар ҷисм, бар водоркунандаҳои ботинии гуноҳолуд, ба монанди шаҳват, ғурур, хашм ва ғайра дахл дорад. Барои мубориза бо васвасаҳои ҷаҳони атроф ба Масеҳ – ба Саркоҳини мо муроҷиат кардан даркор аст.)

Оиди оятҳои зерин андеша намоед:

«Зеро медонам, ки одами кӯҳнаи мо бо Ӯ маслуб шудааст, то ки ҷисми пургуноҳ ботил гардад, ва мо дигар бандагони гуноҳ набошем» (Румиён 6:6).

«Зеро ки аҳли хатна моем, ки Худоро дар Рӯҳ парастиш менамоем, ва бо Исои Масеҳ фахр мекунем, ва ба ҷисм эътимод надорем» (Филиппиён 3:3).

«Зеро ки шумо мурдаед, ва ҳаёти шумо бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст» (Қӯлассиён 3:3).

«Ҳамин тавр шумо низ худро барои гуноҳ кардан мурда, аммо барои Худо дар Худованди мо Исои Масеҳ зинда ҳисоб кунед» (Румиён 6:11).

«Балки Худованди мо Исои Масеҳро дар бар кунед ва оиди ҳавасҳои шаҳвонии ҷисм ғамхорӣ нанамоед» (Румиён 13:14).

«Пас, эй бародарон, мо ӯҳдадори ҷисм нестем, ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунем» (Румиён 8:12).

## Мавқеъ ва ҳолати имондор

Барои дуруст фаҳмидани Навиштаҳо, хусусан номаҳо, мавқеъ ё мақоми имондорро аз ҳолат ё ҳаёти ӯ фарқ кунондан даркор аст. Мавқеъ натиҷаи хизмати Масеҳ аст, шахс онро аз он лаҳзае ки Масеҳро бо бовар қабул менамояд, пурра ва комилан ишғол мекунад. Ҳеҷ чиз дар ҳаёти баъдимаргии имондор ба ҳусни таваҷҷӯҳ ва муҳаббати Худо нисбати ӯ, ва ба бехатарии комили ӯ илова шуда наметавонад. Ин мақом дар назди Худо танҳо ба воситаи бовар дода мешавад: ва дар назди Ӯ одами беқувват ва суст, ки ҳақиқатан ба Исои Масеҳ бовар мекунад, монанди ҳамаи муқаддасони барҷастатарин ҳақ дорад.

Аз чӣ иборат будани ин мақом ё ҳақ аз оятҳои зерин аён мегардад:

«Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки *фарзандони Худо* гарданд» (Юҳанно 1:12).

«Ҳар кӣ имон дорад, ки Исо Масеҳ аст, вай *аз Худо таваллуд ёфтааст*» (1Юҳанно 5:1).

«Ва агар фарзандонаш бошем, ворисонаш низ ҳастем: ворисони Худо ва ҳамирсони Масеҳ ҳастем» (Румиён 8:17).

«Барои мероси бефано, пок ва пажмурданашаванда, ки дар осмон барои шумо маҳфуз* аст, ки бо қуввати Худо ба воситаи имон нигоҳ дошта мешавед барои наҷоте ки муҳайё шудааст, то ки дар замони охир ба зуҳур ояд» (1Петрус 1:4-5).

«...мувофиқи таъиноти Ӯ *пешакӣ муайян шуда будем*» (Эфсӯсиён 1:11).

«Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз маълум нашудааст он чи хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш *монанди Ӯ хоҳем буд*» (1Юҳанно 3:2).

«Лекин шумо насли баргузида, *каҳонати шоҳона*, халқи муқаддас ҳастед» (1Пет. 2:9).

---

* маҳфуз аст – нигоҳ дошта шудааст

«...Ӯро, ки моро дӯст медорад, ва *моро аз гуноҳҳоямон* бо хуни Худ *халосӣ дод*, ва моро *подшоҳон ва коҳинони* Худо ва Падари Худ гардонд...» (Ваҳй 1:5-6).

«Шумо низ дар Ӯ пуррагӣ доред, ки Ӯ сари ҳар сарварӣ ва ҳукуматдорист» (Қӯлассиён 2:10).

«Пас, мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиштагӣ дорем, ки ба воситаи Ӯ мо бо имон сӯи *ин файзе* роҳ ёфтаем, ки *дар он истодаем* ва бо умеди ҷалоли Худо меболем»
(Румиён 5:1-2).

«Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки *ҳаёти ҷовидонӣ ёбад*» (Юҳанно 3:16).

«Ба шумо, ки ба исми Писари Худо имон доред, инро навиштаам, то донед, ки шумо ба Писари Худо имон дошта, *ҳаёти ҷовидонӣ доред*» (1Юҳанно 5:13).

«Пас, эй бародарон, модоме ки мо *ҷуръат дорем ба қудс ба василаи Хуни Исои Масеҳ дохил шавем*» (Ибриён 10:19).

«Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки моро *бо ҳар баракати рӯҳоние* ки дар афлок аст, дар Масеҳ баракат додааст» (Эфсӯсиён 1:3).

«Барои ҳамду санои ҷалоли файзи Худ, ки ба мо *дар Маҳбуби Худ бо саховатмандӣ бахшидааст*» (Эфсӯсиён 1:6).

«Зеро ки ҳамаи мо бар тибқи як Рӯҳ *дар як бадан* таъмид ёфтаем» (1Қӯринтиён 12:13).

«Худои пур аз марҳамат, бар тибқи муҳаббати бузурге ки ба мо дорад, моро, агарчи аз рӯи хатоҳо мурда будем, *бо Масеҳ зинда кард,* – бо файз шумо наҷот ёфтаед, – ва бо Ӯ моро бархезонд ва дар афлок (осмон) дар Исои Масеҳ шинонд» (Эфсӯсиён 2:4-6).

«Аммо акнун, дар Исои Масеҳ, шумо, ки як вақте дур будед, бо хуни Масеҳ *наздик шудаед*» (Эфсӯсиён 2:13).

«Дар Ӯ шумо низ, чун каломи ростиро, яъне башорати наҷоти худро шунидед ва ба Ӯ имон

овардед, бо Рӯҳулқудси ваъдашуда *мӯҳр зада шудаед*»
(Эфсӯсиён 1:13).

«Чунки мо *андоми Бадани Ӯ ҳастем*, аз гӯшти Ӯ ва аз устухонҳои Ӯ» (Эфсӯсиён 5:30).

«Оё намедонед, ки ҷисмҳои шумо *маъбади Рӯҳулқудс аст, ки Он дар шумо сокин аст*» (1Қӯринтиён 6:19).

Ҳамаи ин ҳақиқатҳои мӯъҷизанок нисбати ҳар як шахсе ки ба Худованд Исои Масеҳ бовар дорад, дуруст мебошанд. Ва бо дуо ё хизмати ғайратмандона, ё мунтазам ба ҷамъомади ҷамоат рафтан, ё хайр кардан, ё фидокорӣ, ё бо ҳаёти муқаддас, ё бо ягон кори дигар *ба ҳеҷ як ҳақиқат аз ин рӯйхати пуршукӯҳ* расидан имкон надорад. Ҳамаи ин тӯҳфаи Худост ба воситаи Масеҳ, барои *бовар*, пас, – ҳамаи ин ҳақиқатҳо ба ҳамаи имондорон тааллуқ доранд. Ҳангоме ки зиндонбон дар Филиппӣ ба Худованд Исои Масеҳ бовар кард, дарҳол фарзанди Худо, ворисӣ Масеҳ, подшоҳ ва коҳин шуд, ва ба мероси бефано, пок ва пажмурданашаванда ҳақ пайдо намуд. Ҳамин ки ӯ бо дили худ бовар кард ва бо даҳони худ Исоро чун Худованди худ эътироф намуд, дар ҳама чиз сафед карда шуд, бо Худо оштӣ пайдо намуд, файз ва умеди ҷалоли Ӯро ба даст овард. Ӯ тӯҳфаи ҳаёти ҷовидониро ба даст овард, пурра қабул карда шуд, чуноне ки Худи Масеҳ аз ҷониби Худо қабул шудааст, ӯ бо Рӯҳи Пок пур гардида, мӯҳр зада шуд, ки Он ҳамчунин ӯро ба Бадани Масеҳ – Ҷамоати Худо таъмид дод. Ӯ дарҳол росткории Худоро дар бар намуд (Румиён 3:22), бо Масеҳ зинда карда шуд, ва ҳамроҳи Ӯ дар Осмонҳо шинонда шуд.

Ҳолати ҳақиқии ӯ чӣ гуна буд – тамоман кори дигар аст; он, бе шубҳа, аз мақоми баланде ки дар назари Худо дорад, хеле пасттар буд. Ҳаёти ӯ дарҳол шоҳона, муқаддас ва илоҳӣ, яъне ба мақомаш мувофиқ нашуд. Оятҳои минбаъда нишон медиҳанд, ки дар Навишта доимо фарқ байни ин ду чиз таъкид карда мешавад.

| **Мақом** | **Ҳолат** |
|---|---|

| | |
|---|---|
| «Ба Ҷамоати Худо, ки дар Қӯринтӯс воқеъ аст, ба муқаддасони даъватшуда, ки дар Исои Масеҳ тақдис гардидаанд ... Худои худро ҳамеша барои шумо шукр мегӯям: барои файзи Худо, ки ба шумо дар Исои Масеҳ ато шудааст, чунки дар Ӯ шумо аз ҳар чиз: аз ҳар сухан ва аз ҳар дониш бой шудаед, зеро шаҳодати Масеҳ дар шумо барқарор гардидааст, ба тавре ки шумо аз ҳеҷ лаёқат норасоӣ надоред, модоме ки мунта-зири зуҳури Худованди мо Исои Масеҳ мебошед, ки Ӯ низ шуморо то ба охир устувор хоҳад кард, то ки дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ беайб бошед. Амин аст Худое ки шуморо ба ширкати Писари Худ Исои Масеҳи Худованди мо даъват намудааст» (1Қӯринтиён 1:2-9).<br><br>«...Аммо пок шудед, аммо қудсият пайдо кардед, аммо сафед шудед ба исми Худованди мо Исои Масеҳ ва ба Рӯҳи Худои | «Зеро ки аз аҳли байти Хлӯо ба ман оиди шумо, эй бародарон, маълум шуда-аст, ки дар байнатон баҳсу мунозира вуҷуд дорад» (1Қӯринтиён 1:11).<br>«Ва ман, эй бародарон, натавонистам ба шумо, ҳамчун касони рӯҳонӣ, сухан ронам, балки ҳамчун касони ҷисмонӣ... чунки шумо ҳанӯз ҷисмонӣ ҳастед. Зеро, модоме ки дар миёни шумо ҳасад, баҳсу мунозира ва ихтилофот ҳаст, оё шумо ҷисмонӣ нестед ва оё ба таври инсонӣ рафтор намеку-нед?» (1Қӯринтиён 3:1-3).<br>«Баъзе касон мағрур шудаанд» (1Қӯринтиён 4:18).<br>«Ва шумо мағрур шудаед, ба ҷои он ки мотам гиред, то он касе ки чунин коре кардааст, аз миёни шумо бадар шавад» (1Қӯринтиён 5:2).<br>«Худи ҳамин ҳам барои шумо зиллатовар* аст, ки байни худ мурофиа* до-ред» (1Қӯринтиён 6:7). |

* зиллат – хорӣ, пастӣ

* мурофиа – равиши доварӣ

| | |
|---|---|
| мо» (1Қӯринтиён 6:11). «Магар намедонед, ки ҷисмҳои шумо узвҳои Масеҳанд?» (1Қӯринтиён 6:15). «Ва Исо дар ҷавоби вай гуфт: “Хушо ту, эй Шимъӯн писари Юнус, чунки башар инро ба ту зоҳир накардааст, балки Падари Ман, ки дар осмон аст”» (Матто 16:17). | «Пас оё узвҳои Масеҳро мегирам, то ки онҳоро узвҳои фоҳиша гардонам?» (1Қӯринтиён 6:15). «Аммо Ӯ баргашта ба Петрус гуфт: “Эй шайтон, аз Ман дур шав! Ту васвасакоре барои Ман ҳастӣ, зеро ту на оиди амру наҳйи Худо, балки аз чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ”» (Матто 16:23). |
| «Ва Падарро шукргузо-рӣ намоед, ки Ӯ моро ба мероси муқаддасон дар нур шарик гардондааст. Ва Ӯ моро аз салтанати зулмот халосӣ дода, ба Малакути Писари маҳбуби Худ дохил кардааст» (Қӯлассиён 1:12-13). | «Аммо акнун шумо ҳамаи инҳоро: хашм, ғазаб, кина, бадгӯӣ ва алфози қабеҳи забонатонро тарк намоед; ба якдигар дурӯғ нагӯед, дар ҳолате ки одами кӯҳнаро бо аъмоли вай аз худ дур кардаед» (Қӯлассиён 3:8-9). |

Пай набурдан имкон надорад, ки тартиби илоҳӣ бо файз ин аст: аввал ҷой ва мақоми баландтаринро дода, сипас ба имондор насиҳат намудан, то ба ҳолате дарояд, ки ба ин мақом мувофиқат мекунад.

Бенаво аз хок боло бардошта шуда, ҳамроҳи ашрофзодагон шинонда шудааст (1Подшоҳон 2:8), ва баъд ӯро насиҳат мекунанд, ки ба таври шоҳона рафтор намояд. Чун намуна оятҳои зеринро меоварем:

| **Мақом** | **Ҳолат** |
|---|---|

| | |
|---|---|
| «Зеро медонем, ки инсони кӯҳнаи мо бо Ӯ маслуб шудааст, то ки ҷисми пургуноҳ ботил гардад, ва мо дигар бандагони гуноҳ набошем» (Румиён 6:6). | «Агар шумо бо Масеҳ нисбат ба аносири ҷаҳон мурда бошед, пас чаро, мисли онҳое ки дар ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, фароиз-ро* пайравӣ мекунед?» (Қӯлассиён 2:20). |
| «Шумо нури ҷаҳон ҳастед» (Матто 5:14). | «Ҳамчунин бигзор нури шумо бар мардум битобад, то ки аъмоли неки шуморо дида, ба Падари шумо, ки дар осмон аст, ҳамду сано хонанд» (Матто 5:16). |
| «Ӯ моро наҷот додааст ва ба даъвати муқаддас хондааст, на бар тибқи аъмоли мо, балки ба ҳасби таъиноти Худ ва ба ҳасби он файзе ки ба мо аз азал дар Исои Масеҳ ато шудааст» (2Тимотиюс 1:9). | «Пас, эй маҳбубонам, модоме ки шумо ҳамеша фармонбардор будед, аз ин рӯ – на танҳо дар ҳузури ман, балки боз ҳам зиёдтар алҳол, дар вақти набудани ман, – бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред» (Филиппиён 2:12)*. |
| «Ва бо Ӯ моро бархезонд ва дар афлок дар Исои Масеҳ шинонд» (Эфсӯсиён 2:6). | «Пас, модоме ки шумо дар Масеҳ эҳё шудаед, он чиро, ки дар афроз аст, биҷӯед, ки он ҷо Масеҳ ба ямини Худо нишастааст» (Қӯлассиён 3:1). |
| «Вақте ки Масеҳ, ки ҳаёти шумост, зоҳир шавад, шумо низ бо Ӯ дар ҷалол зоҳир хоҳед шуд» (Қӯлассиён 3:4). | «Пас, андоми заминии худро бикушед» (Қӯлассиён 3:5). |

* фароиз – қоидаҳое ки иҷрояшон ҳатмист

* ин ҷо сухан на дар бораи наҷоти ҷон, балки дар бораи наҷот аз он домҳое меравад, ки ба масеҳиён дар иҷрои хости Худо халал мерасонанд

| | |
|---|---|
| «Зеро ки шумо як вақте зулмот будед, вале ҳоло нуре дар Худованд ҳастед» (Эфсӯсиён 5:8). | «...чун фарзандони нур рафтор кунед» (Эфсӯсиён 5:8). |
| «Зеро ки ҳамаи шумо писарони нур ва писарони рӯз ҳастед. Мо на писарони шаб ҳастем ва на писарони зулмот» (1Таслӯникиён 5:5). | «Пас, набояд мисли дигарон дар хоб бошем, балки бедор ва ҳушёр бошем» (1Таслӯникиён 5:6). |
| «Чунки Худо моро на барои ғазаб таъин кардааст, балки барои ёфтани наҷот ба василаи Худованди мо Исои Масеҳ, ки барои мо мурд, то ки мо, хоҳ бедор бошем, хоҳ хобида, бо якҷоягии Ӯ зист кунем» (1Таслӯникиён 5:9-10). | «Бинобар ин ҳамдигарро тасалло диҳед ва якдигарро обод кунед, чунон ки низ мекунед» (1Таслӯникиён 5:11). |
| «Ба ҳасби ҳамин ирода мо ба василаи қурбонии якбораи ҷисми Исои Масеҳ тақдис ёфтаем» (Ибриён 10:10). | «Онҳоро бо ростии Худ тақдис кун: Каломи Ту ростист» (Юҳанно 17:17). |
| «Ва аз Ӯ шумо дар Исои Масеҳ ҳастед, ки барои мо ... қудсият шудааст» (1Қӯринтиён 1:30). | «Худи Худои осоиштагӣ бигзор шуморо ба куллӣ пок гардонад» (1Таслӯникиён 5:23). |
| «Зеро ки Ӯ ба василаи як қурбонӣ тақдисшавандагон-ро то абад комил гардондааст» (Ибриён 10:14). | «На ин ки аллакай расида бошам, ё комил шуда бо-шам...» (Филиппиён 3:12). |
| «Пас, ҳар касе аз мо, ки комил бошад, бояд ҳамин тавр фикр ронад» (Филиппиён 3:15). | «Бинобар ин таълимоти ибтидоии Масеҳро монда, сӯи камол шитоб |
| «Муҳаббат дар мо чунон ба камол | |

| | |
|---|---|
| расидааст, ки мо дар рӯзи доварӣ ҷуръат дорем, зеро, чунон ки Ӯ дар ин ҷаҳон ҳаст, ончунон мо ҳастем» (1Юҳанно 4:17). | кунем...» (Ибриён 6:1). «Агар касе гӯяд, ки дар Ӯ собит мемонад, вай бояд тавре рафтор кунад, ки Ӯ рафтор мекард» (1Юҳанно 2:6). |

Ба ин рӯйхате ки фарқи байни мақом ва ҳолати имондорро тасвир мекунад, бисёр оятҳоро илова намудан мумкин аст. Фаҳмо мегардад, ки имондор ба санҷише дучор намегардад, ки мақсадаш боварӣ ҳосил кардан аст, оё ӯ ба ин мақоми беҳад баланд сазовор аст ё не; аммо ӯ, аз эътирофи комилан ночиз будани худ сар карда, ин мақомро дар натиҷаи хизмати Масеҳ ба даст меоварад. Аз рӯи *мақоми худ* имондор «то абад комил» аст (Ибриён 10:14). Аммо ӯ бояд оиди ҳолати худ бигӯяд: «На ин ки аллакай расида бошам, ё комил шуда бошам...» (Филиппиён 3:12).

Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки тамоми кори Худо дар имондор, истифодаи Калом нисбати ҳаёт ва виҷдони ӯ (Юҳанно 17:17; Эфсӯсиён 5:26), ҷазо аз дасти Падар (Ибриён 12:10; 1Қӯринтиён 11:32); хизмати Рӯҳ (Эфсӯсиён 4:11-12), ҳамаи душвориҳо ва санҷишҳои оворагардӣ дар биёбон (1Петрус 4:12-14) ва дигаргуншавии ниҳоӣ ҳангоми зоҳиршавии Ӯ (1Юҳанно 3:2), – ҳамаи ин барои он аст, ки хислати имондор ба мақоме ки ӯ дар лаҳзаи бовар кардан ишғол менамояд, мувофиқ гардонда шавад. Ӯ на ба файз, балки дар файз нумӯ меёбад.

Шоҳзода дар синни кӯдакӣ метавонад монанди дигар кӯдакон якрав ва бехирад бошад. Гоҳо ӯ хеле итоаткор аст, бо ҳама меҳрубон аст, дарсҳоро тайёр мекунад, ва он вақт худи ӯ ҳам хурсанд аст, ва ҳама аз ӯ қаноатманд ҳастанд. Аммо гоҳо ӯ ба ҳеҷ кас итоат намекунад ва чунон рафтор мекунад, ки ғайр аз ҷазо додан чораи дигаре нест. Аммо ӯ дар ҳар дуи ин

мавридҳо шоҳзода мемонад. Умед бастан мумкин аст, ки оҳиста-оҳиста ӯ сазовори шоҳ рафтор намуданро ёд мегирад, ва он гоҳ ӯ бо рафтори худ бештар ба шоҳ монанд мешавад, аммо ҳеҷ гоҳ бештар аз он чи ҳаст, шоҳ шуда наметавонад. Ӯ шоҳзода *таваллуд шудааст*.

Дар мавриди ҳар як фарзанди ҳақиқии Шоҳи шоҳон ва Худованди худовандон низ ин нумӯ сӯи подшоҳӣ таъмин шудааст. Ва дар ниҳояти кор мақом ва ҳолат, хислат ва мартаба баробар мешаванд. Аммо мартаба мукофоти хислати комил нест: хислат мувофиқи мартабаи ишғолкардаи шахс инкишоф меёбад.

*Маводи дарсро омӯхта, кори тафтиширо иҷро кунед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда мешаванд, муқоиса кунед. Сипас кори имтиҳонии 6-ро иҷро кунед*.

## Кори тафтишии 6

### Оё шумо маводи дарси гузаштаро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рост гирди ҳарфи Д (дуруст) ё Н (нодуруст) доира кашед.*

1. Табиате ки мо ҳангоми зодашавии табиӣ мегирем, баъзе хусусиятҳои бозхарид намуданро дорад, ва онро бо қувваи худ беҳтар кардан мумкин аст. Д Н

2. Табиате ки мо ҳангоми зодашавии нав мегирем, гуноҳ карда наметавонад. Д Н

3. Имондор, бо вуҷуди табиати нав гирифтанаш, ҳамчунин бо табиати кӯҳнаи худ зиндагӣ мекунад. Д Н

4. Худо Падари ҳамаи одамон аст. Д Н

5. Агар имондор баъди қабул кардани Масеҳ муборизаи ботиниро аз сар мегузаронда бошад, ӯ ҳақиқатан аз нав зода нашудааст. Д Н

6. Худованд Исо Саркоҳини имондорон буда, бар васвасаҳое ки аз ҷаҳони атроф ба имондор ҳуҷум мекунанд, пирӯзӣ дода метавонад. Д Н

7. Баъди бозгашт намудан рафтори имондор ба мақоми ӯ дар назди Худо таъсир мерасонад. Д Н

8. Умеди имондор ба ҷалол вобастаи саъю кӯшиши ӯ дар хондани дуоҳо, омӯхтани Китоби Муқаддас ва ба ҷамъомадҳои ҷамоат рафтанаш аст. Д Н

9. Ҳолати имондор аз мақоми ӯ хеле «пасттар» буда метавонад. Д Н

10. Дар ин зиндагӣ масеҳӣ ба санҷиш дучор мешавад, то ки барои биҳишт лоиқ буданаш муқаррар карда шавад. Д Н

*Ҷавобҳои дурустро дар охири китоб ёфта метавонед. Ин корро ба Мактаби Ғоибона нафиристед.*

## ДАРСИ ҲАФТУМ

# Наҷотёфтагон ва гумроҳшудагон

## Наҷот ва мукофот

Паймони Навин таълимотро оиди наҷоти гумроҳшудагон, гуноҳкорон, ва таълимотро оиди мукофот барои хизмати вафодоронаи наҷотёфтагон дар бар мегирад; дарки аниқи фарқи ин ду таълимот барои фаҳмиши дурусти тамоми Калом хеле муҳим

аст. Ҳангоме оятҳои зеринро бо диққат мехонем, ин фарқро мебинем:

### 1. Наҷот тӯҳфаи ройгон (муфт, бепул) аст

«Исо дар ҷавоби вай гуфт: “Агар атои Худоро медонистӣ, ва кист, ки ба ту мегӯяд: “Ба Ман барои нӯшидан об деҳ”, ҳоло худат аз Ӯ хоҳиш мекардӣ, ва Ӯ ба ту оби ҳаёт медод”» (Юҳанно 4:10).

«Эй ҳамаи ташнаҳо, сӯи обҳо биёед! Ва эй онҳое ки нуқра надоред, биёед, бихаред, ва бихӯред! Ва омада, бе нуқра ва бе баҳо шароб ва шир бихаред!» (Ишаъё 55:1).

«Ва Рӯҳ ва Арӯс мегӯянд: “Биё!” Ва ҳар кӣ мешунавад, бигӯяд: “Биё!” Бигзор ташна биёяд, ва ҳар кӣ бихоҳад, оби ҳаётро муфт бигирад» (Ваҳй 22:17).

«Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ» (Румиён 6:23).

«Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад» (Эфсӯсиён 2:8-9).

Агарчи наҷот ба мо бешарт дода мешавад, диққат диҳед:

### 2. Корҳое ки ба Худо писанд меоянд, мукофотонида мешаванд

«Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат як пиёла оби сард бинӯшонад, чунки исми шогирд дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки мукофоти худро аз даст нахоҳад дод»
(Матто 10:42).

«Дар кашмакаши неке талош кардам, давишро анҷом додам, имонро нигоҳ доштам; ва акнун барои ман тоҷи адолат муҳайё гардидааст» (2Тимотиюс 4:7-8).

«Инак, ба зудӣ меоям, ва мукофоти ман бо Ман аст, то ки ҳар касро мувофиқи аъмолаш сазо диҳам» (Ваҳй 22:12).

«Оё намедонед, ки давандагони майдони мусобиқа ҳама медаванд, аммо фақат як нафар мукофот мегирад? Ҳамин тавр, бидавед, то ки соҳиби он гардед. Ҳамаи риёзаткашон* аз ҳар чиз худдорӣ мекунанд, онҳо барои гирифтани тоҷи фонӣ,* лекин мо барои гирифтани тоҷи ғайрифонӣ» (1Қӯринтиён 9:24-25).

«Ба ӯ гуфт: "Офарин, эй ғуломи нек! Азбаски ба чизи андак мӯътамад* будӣ, бар даҳ шаҳр ҳоким шав!"»
(Луқо 19:17).

«Зеро ҳеҷ кас таҳкурсии дигаре гузошта наметавонад, ҷуз он ки ниҳода шудааст, ки он Исои Масеҳ аст. Ва агар касе бар ин таҳкурсӣ иморате аз тилло, нуқра, ҷавоҳирот, ё ҷӯб, хасбеда, пахол бино кунад, – амали ҳар кас зоҳир хоҳад шуд; зеро ки он рӯз нишон хоҳад дод, чунки дар оташ ошкор хоҳад шуд, ва оташ амали ҳар касро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст. Агар амали касе ки бар он сохтааст, пойдор бимонад, вай музд хоҳад гирифт; ва агар амали касе бисӯзад, вай зиён хоҳад дид; валекин худаш наҷот хоҳад ёфт, аммо тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад» (1Қӯринтиён 3:11-15).

«Аз машаққатҳое ки бояд ба сарат ояд, натарс. Инак, иблис баъзеро аз миёни шумо дар зиндон хоҳад андохт, то ки шуморо биозмояд, ва шумо даҳ рӯз дар андӯҳ хоҳед афтод. То дами мамот амин бош, ва тоҷи ҳаётро ба ту хоҳам дод» (Ваҳй 2:10).

Онҳо «ҳаёт»-ро намегиранд, (муқаддасони азобкашандаи Исмирно ҳаёти ҷовидонро доштанд, ва барои росткорӣ азоб мекашиданд) балки «тоҷи ҳаёт»-ро мегиранд.

Тоҷ – рамзи мукофот аст, ки шахс онро сазовор шудааст. Бояд гуфт, ки дар Китоби Муқаддас чор тоҷ зикр карда мешаванд: тоҷи шодмонӣ ё тоҷи фахр – мукофоти *хизмат* (Филиппиён 4:1; 1Таслӯникиён

---

* риёзаткашон – касоне ки азоб кашидаанд

* фонӣ - нестшаванда

* мӯътамад – сазовори боварӣ

2:19); Тоҷи адолат – мукофоти вафодорӣ дар *шаҳодат додан* (2Тимотиюс 4:8); тоҷи ҳаёт – мукофот барои вафодорӣ дар *санҷишҳо* (Яъқуб 1:12: Ваҳй 2:10); ва тоҷи ҷалол – мукофот барои вафодорӣ дар *азобҳо* (1Петрус 5:4: Ибриён 2:9).

### 3. Ҳозир мо наҷотро дорем

«Ҳар кӣ ба Писар имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ меёбад» (Юҳанно 3:36).

«Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ каломи Маро бишнавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст» (Юҳанно 5:24).

«Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳаёти ҷоводонӣ дорад» (Юҳанно 6:47).

«Ӯ моро наҷот додааст ва ба даъвати муқаддас хондааст, на тибқи аъмоли мо, балки ба ҳасби таъиноти Худ ва ба ҳасби он файз...» (2Тимотиюс 1:9).

«Ӯ ба он зан гуфт: "Имонат туро наҷот дод, ба саломатӣ бирав"» (Луқо 7:50).

«Ӯ моро на бар тибқи аъмоли одилонае ки мекардем, балки ба ҳасби марҳамати Худ наҷот дод, ба василаи ғусли* таваллуди дубора ва таҷдиде* ки аз Рӯҳулқудс аст» (Титус 3:5).

«Ва ин шаҳодат аз он иборат аст, ки Худо ба мо ҳаёти ҷовидонӣ ато намудааст, ва ин ҳаёт дар Писари Ӯст» (1Юҳанно 5:11).

### 4. Муқофотҳо дар оянда тақсим карда мешаванд

«Зеро ки Писари Одам дар ҷалоли Падари Худ бо фариштагони Худ хоҳад омад, ва он вақт ба ҳар кас мувофиқи аъмолаш подош хоҳад дод» (Матто 16:27).

«Зеро ки дар рӯзи эҳёи одилон мукофоте ба ту ато хоҳад шуд» (Луқо 14:14).

---

* ғусл – ғӯта хӯрдан

* таҷдид – нав шудан

«Инак, ба зудӣ меоям, ва мукофоти Ман бо Ман аст, то ки ҳар касро мувофиқи аъмолаш сазо диҳам» (Ваҳй 22:12).

«Ва ҳангоме ки Сарвари чӯпонон зоҳир шавад, шумо тоҷи ҷалолро, ки пажмурда (хазон) намешавад, хоҳед ёфт» (1Петрус 5:4).

«Ва акнун барои ман тоҷи адолат муҳайё гардидааст, ки онро Худованд, Довари одил дар он рӯз ба ман хоҳад дод» (2Тимотиюс 4:8).

«Пас аз муддати дуру дарозе оғои он ғуломон омада, аз онҳо ҳисобот талаб кард» (Матто 25:19).

Мақсади Худо, ҳангоме ба муқаддасони Худ барои хизмати вафодорона ҷалоли осмонӣ ва ҷовидониро ваъда медиҳад, он аст, ки онҳоро ба фаромӯш кардани сарватҳо ва ҳаловатҳои заминӣ водор кунад, дар оташи таъқибот дастгирӣ намояд, онҳоро водор намояд, ки бо некӯиҳои масеҳиёна зиндагӣ кунанд. Нигаред ба Ибриён 11:8-10, 24-27; 12:2-3; Луқо 14:12-14; Матто 10:41-42; Ибриён 6:10; Қӯлассиён 3:22-24; Матто 5:11-12; Юҳанно 4:35-36; Дониёл 12:3; Луқо 12:35-37; 2Тимотиюс 4:8.

Ва ниҳоят, огоҳиеро мехонем, ки дар Ваҳй 3:11 ҳаст.

## Имондорон ва вонамудкунандагон

Аз он вақте ки Худо ба Худ халқеро интихоб намуд, дар байни он ҳамеша одамоне буданд ва ҳастанд, ки вонамуд мекунанд, гӯё ба ин халқ тааллуқ доранд. Ин то он вақт давом мекунад, ки «Писари Одам фариштаҳои Худро хоҳад фиристод, ки онҳо аз Малакути Ӯ ҳамаи васвасакорон ва бадкоронро ҷамъ хоҳанд кард... Он гоҳ одилон дар Малакути Падари худ чун офтоб дурахшон хоҳанд шуд» (Матто 13:41,43).

Навишта ба таври равшан мегӯяд, ки гандум бо мастак* омехта шудааст: дар байни имондорони ҳақиқӣ вонамудкунандагон низ ҳастанд; ва бо вуҷуди ин, аксар вақт ба писарони Худо огоҳиҳо ва

* мастак – як навъ алафи бегона

насиҳатҳое гуфта шудаанд, ки танҳо ба вонамудкунандагон дахл доранд.

Дар Навишта бисёр намунаҳои чунин омезиш ҳастанд. Нигаред ба Ҳастӣ 4:3-5; Хуруҷ 12:38; Ададҳо 11:4-6; Наҳемё 13:1-3; Матто 13:24-30, 37-43; 2Қӯринтиён 11:13-15: Ғалотиён 2:4; 2Петрус 2:1-2; Наҳемё 7:63-65.

Дар мақола оиди Китоби Муқаддас наметавон ҳамаи оятҳоеро номбар кард, ки фарқи имондорони ҳақиқӣ ва шаклпарастон, риёкоронро нишон медиҳанд, ки БАРОИ наҷоти худ кор мекунанд, ба ҷои он ки наҷоти аллакай муфт додашударо ТАКМИЛ ДИҲАНД (нигаред ба Филиппиён 2:13-13 ва Эфсӯсиён 2:8-9).

Оятҳои зерин оиди фарқи байни ин ду гурӯҳи одамон тасаввуроти дуруст медиҳанд.

## 1. Имондорон наҷот ёфтаанд, вонамудкунандагон ҳалок шудаанд

Муқоиса кунед:

| Имондорони ҳақиқӣ | Вонамудкунандагон |
|---|---|
| «У ба он зан гуфт: “Имонат туро наҷот дод; ба саломатӣ бирав”» (Луқо 7:50). | «Худи Шимъӯн низ имон овард ва таъмид гирифт ва ҳамеша ҳамроҳи Филиппус буд... Аммо Петрус ба вай гуфт... Туро аз ин чиз насибе ва баҳрае нест, зеро ки дилат дар пеши Худо рост намебошад» (Аъмол 8:13, 20-21). |
| «Ва онҳо бо шунидани таълими ҳаввориён, бо мушоракати онҳо, бо шикастани нон ва бо дуо гуфтан машғул буданд» (Аъмол 2:42). | «Онҳо аз мо берун омада-анд, аммо аз они мо набу-данд; зеро, агар онҳо аз они мо мебуданд, бо мо мемон-данд; лекин онҳо берун омаданд, то маълум шавад, ки ҳеҷ яке аз онҳо аз они мо нестанд» (1Юҳанно 2:19). |
| «Гӯсфандони Ман ба овози Ман гӯш медиҳанд, | |

| | |
|---|---|
| ва Ман онҳоро мешиносам, ва онҳо Маро пайравӣ мекунанд, ва Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ мебахшам, ва онҳо то абад талаф нахоҳанд шуд; ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Ман кашида гирад; Падаре ки онҳоро ба Ман дод, аз ҳама бузургтар аст, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Падари Ман кашида гирад» (Юҳанно 10:27-29). | «“Лекин баъзе аз шумо ҳастанд, ки имон надоранд”. Зеро Исо аз ибтидо медонист, ки киҳо имон надоранд ва кӣ Ӯро таслим хоҳад кард. Ва гуфт: “Аз ин сабаб ба шумо гуфтам, ки ҳеҷ кас наметавонад назди Ман биёяд, магар ин ки Падари Ман инро ба вай ато кунад”. Аз он вақт бисёре аз шогирдонаш аз Ӯ дур шуда, дигар Ӯро пайравӣ накар-данд» (Юҳанно 6:64-66). |
| «Ҳар он чи Падар ба Ман ато кунад, назди Ман хоҳад омад, ва ҳар кӣ назди Ман ояд, бадар нахоҳам ронд. Ва иродаи Падаре ки Маро фиристод, ин аст, ки аз он чи ба Ман ато кард, чизе талаф накунам, балки дар рӯзи вопасин онро эҳё кунам» (Юҳанно 6:37,39). | |
| «Ва ҳангоме ки онҳо ба харидан рафтанд, домод омад, ва онҳое ки тайёр буданд, бо вай ба тӯйи арӯсӣ даромаданд, ва дар баста шуд» (Матто 25:10). | «Баъд аз он, бокираҳои дигар низ омада, гуфтанд: “Эй оғо! Эй оғо! Ба мо воз кун”. Лекин вай дар ҷавоби онҳо гуфт: “Ба ростӣ ба шумо мегӯям: шуморо намешиносам”» (Матто 25:11-12). |
| «Адолати Худо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ барои ҳамаи имондорон; зеро ки ҳеҷ тафовуте (фарқе) нест» | «Ҳамчунин шумо низ ба зоҳир ба назари мардум одил менамоед, лекин дар ботин аз риёкорӣ ва шарорат пур |

(Румиён 3:22).

«Ба ваҷд меоем ва шодӣ мекунем ва Ӯро ҷалол медиҳем, зеро ки никоҳи Барра фаро расидааст, ва завҷаи Ӯ худро тайёр кардааст. Ва ба вай ато шуд, ки катони тоза ва дурахшон дар бар кунад; зеро ки он катон (материали пахтагӣ) адолати муқаддасон аст»
(Ваҳй 19: 7-8).

«Ман Чӯпони некам, ва мансубони Худро мешино-сам, ва мансубонам маро мешиносанд»
(Юҳанно 10:14).

«Аммо бунёди матини (мустаҳкам, устувор) Худо қоим аст ва чунин мӯҳре дорад: “Худованд мансубо-ни (касоне ки ба Ӯ тааллуқ доранд) Худро мешино-сад”»
(2Тимотиюс 2:19).

«Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад»
(Юҳанно 6:47).

«Эй Падар! Мехоҳам

ҳастед... Эй морон ва афъизодагон! Аз маҳкумияти дӯзах чӣ тавр гурехта метавонед?»
(Матто 23:28,33).

«Подшоҳ ба дидани аҳли маҷлис даромада, шахсеро дид, ки ҷомаи тӯёна дар бар надорад, ва ба вай гуфт: “Эй рафиқ, чӣ тавр ба ин ҷо даромадӣ, дар ҳоле ки ҷомаи тӯёна дар бар надорӣ?” Лекин вай хомӯш монд. Подшоҳ ба ходимони худ гуфт: “Дасту пои вайро баста, ба зулмоти берун бароварда партоед”»
(Матто 22:11-13).

«Бисёр касон дар он рӯз ба Ман хоҳанд гуфт: “Худовандо! Худовандо! Оё ба исми Ту нубувват намекардем? Оё ба исми Ту девҳоро намерондем? Оё ба исми Ту мӯъҷизоти зиёде нишон надодем?” Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: “Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!”»
(Матто 7:22-23).

«Эй бародарони ман, чӣ фоидае ҳаст, агар касе гӯяд, ки имон дорад, дар сурате ки амал надорад?

| | |
|---|---|
| онҳое ки ба Ман додаӣ, дар он ҷое ки мебошам, бо Ман бошанд, то ҷалоли Маро, ки ба Ман додаӣ, бубинанд, чунки Маро пеш аз таъсиси ҷаҳон дӯст доштӣ» (Юҳанно 17:24). «Ва яқин дорам, ки Ӯ, ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд» (Филиппиён 1:6). «Вале мо аз онҳо нестем, ки бармегарданд ва ба ҳалокат мерасанд, балки аз имондоронем, ки наҷот меёбанд» (Ибриён 10:39). | Оё чунин имон метавонад ӯро наҷот диҳад?» (Яъқуб 2:14). «Зеро касоне ки боре фикрашон равшан шудааст, ва бахшоиши осмониро чашидаанд, ва шарикони Рӯҳулқудс гардидаанд, ва каломи неки Худо ва қувваҳои олами ояндаро чашидаанд, ва ҷудо шуда афтодаанд, – онҳоро аз нав ба роҳи тавба андохтан имконнопазир аст» (Ибриён 6:4-6).* «Одил бо имон хоҳад зист; ва агар касе рӯй гардонад, ҷони Ман ба вай таваҷҷӯҳ нахоҳад кард» (Ибриён 10:38). |

## 2. Имондорон мукофотонида мешаванд, вонамудку-нандагон маҳкум карда мешаванд

Муқоиса кунед:

* Шояд, ин оятҳо беш аз дигар оятҳои Китоби Муқаддас таҳриф карда шуда буданд – бар зарари фарзандони Худо, ки ҳеҷ умумияте бо ин вонамудкунандагони ҳама чизро “чашида” надоранд. Ин оятҳо равшан нишон медиҳанд, ки изҳороте ки итоати пурраро ба Масеҳ ифода намекунанд, ба куҷоҳо бурда метавонанд. Ибриён 6:9 бояд бовардорони ҳақиқиро аз чунин тафсири вайрон огоҳ кунад, зеро он аниқ мегӯяд, ки ҳамаи он чи ба наҷот ҳамроҳӣ мекунад, аз чунин тафсир беҳтар аст.

| | |
|---|---|
| Матто 25:19-23<br>Луқо 12:42<br>Қӯлассиён 3:24 | Матто 25:24-30<br>Луқо 12:45-47<br>Матто 7:22-23 |

Баъзе оятҳо душворфаҳманд, аммо агар дуо кунед, хуб кор кунед ва қоидаи муҳимро: «Роҳ надиҳед, ки ояти шубҳаовар ё нофаҳмо ба ояти фаҳмо ва равшан ихтилоф дошта бошад» дар ёд нигоҳ доред, боварӣ ҳосил мекунед, ки рӯшноӣ ҳатман хоҳад дурахшид. Шарти «агар» набояд ба изҳороти «ҳақиқист» ихтилоф дошта бошад;

Қиссаи Яҳудои Исқарютӣ ва Петрус бояд он қадар нофаҳмо набошад. Яҳудо ҳеҷ гоҳ имондор набуд (нигаред ба Юҳанно 6:68-71). Петрус бошад ҳеҷ гоҳ аз бовар даст накашида буд (Луқо 22:31-32).

Ва дар охир. Ҳамеша бояд дар ёд нигоҳ дошт, ки ин принсипҳоро мо бояд танҳо барои дуруст таълим додан ва фаҳмидани Каломи Худо ба инобат гирем ва ҳеҷ гоҳ ба одамони зинда татбиқ* нанамоем. Мо ҳақ надорем вонамудкунандагонро маҳкум намоем, ин корро Писари Одам мекунад.

Матто 13:28-29; 1Қӯринтиён 4-5-ро бо диққат хонед.

*Ин дарсро омӯхта, кори тафтишии рақами 7-ро иҷро намоед. Ҷавобҳоятонро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири ин китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед. Баъд ба иҷрои кори имтиҳонии 7 дар дафтари саволҳо гузаред.*

## Кори тафтишии 7

### Оё шумо маводи дарси гузаштаро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рост гирди ҳарфи Д (дуруст) ё Н (нодуруст) доира кашед.*

1. Наҷот мукофотест ки барои ҳаёти росткорона

* татбиқ намудан – амалӣ кардан

дода мешавад. Д Н

2. Ишаъё 55:1 мегӯяд, ки наҷотро бо пул харидан мумкин аст. Д Н

3. Имондор бо вуҷуди ночиз будани корҳояш наҷот ёфта метавонад. Д Н
4. Тоҷи шодӣ барои вафодорӣ дар азобҳо дода мешавад. Д Н

5. Ба онҳое ки барои Масеҳ азият кашидаанд, тоҷи ҷалол дода мешавад. Д Н

6. Ҳар имондор тоҷ мегирад. Д Н

7. Ҳамаи огоҳкуниҳо ва насиҳатҳои Китоби Муқаддас ҳам ба имондорони ҳақиқӣ ва ҳам ба касоне нигаронида шудааст, ки худро имондор вонамуд мекунанд. Д Н

8. Юҳанно 6:64-66 на ба имондорони ҳақиқӣ, балки ба вонамудкунандагон дахл дорад. Д Н

9. Ояти нофаҳмо ё душворфаҳмро ба ҳам муқобил нагузоштан муҳим аст. Д Н

10. Масеҳиён бояд имондорони ҳақиқиро аз вонамудкунандагон ба осонӣ фарқ кунонанд. Д Н

*Ҷавобҳои дурустро дар охири китоб меёбед. Ин корро ба Мактаби Ғоибона нафиристед.*

## Корҳои санҷиширо дар дарсҳои таҳсили рӯзона чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст?

1. Муаллим ин варақро аз китоби дарсӣ канда метавонад, зеро дар саҳифаи баъдина ҷавобҳо чоп карда шудаанд.

2. Муаллим бояд ба саволҳои корҳои тафтишӣ пеш аз дарс ҷавоб диҳад ва ҷавобҳои худро тафтиш кунад. Ҳамин тариқ, ҳангоми дарс ӯ метавонад ба ҳамаи донишҷӯён ёрӣ диҳад, ки ба саволҳои душвортарин ҷавоб диҳанд.
3. Саволҳои корҳои тафтиширо барои мустаҳкам намудани маводи дарсӣ истифода бурдан мумкин аст. Ғайр аз ин, дар аввали ҳар дарс якчанд дақиқаро барои ҷавобҳо ба саволҳо оиди дарси ҳафтаи гузашта бахшидан мумкин аст. Сипас муаллим метавонад ҷавобҳои дурустро хонад, донишҷӯён бошанд ҷавобҳои худро ислоҳ кунанд. Мустаҳкамкунии маводи дарсиро бо муҳокимаи мухтасар анҷом додан мумкин аст.
4. Донишҷӯёнро бояд ҳамаҷиҳата водор намуд, ки корҳои тафтишӣ ва имтиҳониро иҷро кунанд. Маводи дарсиро танҳо ҳамин тавр зуд ва таъсирбахш аз худ намудан мумки аст.
5. Онҳоеро, ки ин курсро бо муваффақият ба охир расондаанд, ҳавасманд намудан даркор аст.

## Ҷавобҳо ба саволҳои корҳои тафтишӣ

Ҷавобҳои дурусти саволҳоеро, ки ба онҳо ҷавоби нодуруст додаед, ҳатман ёбед. Ҷавобҳои нодурусти худро бо салибча ишора кунед

## ҶАДВАЛИ ҶАВОБҲО

| **Кори тафтишӣ** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Савол 1 | Д | Н | Н | Н | Д | Н | Н |
| 2 | Д | Д | Д | Д | Н | Д | Н |
| 3 | Н | Н | Н | Д | Н | Д | Д |
| 4 | Н | Д | Д | Н | Н | Н | Н |
| 5 | Н | Д | Д | Д | Д | Н | Н |
| 6 | Д | Н | Д | Д | Д | Д | Н |
| 7 | Д | Д | Д | Н | Н | Н | Н |
| 8 | Н | Д | Н | Н | Н | Н | Д |
| 9 | Н | Н | Н | Н | Н | Д | Д |
| 10 | Д | Д | Н | Д | Д | Н | Н |
| Миқдори ҷавобҳои дуруст | | | | | | | |
| Ба даҳ зарб занед | *10 | *10 | *10 | *10 | *10 | *10 | *10 |
| Миқдори умумии фоизҳо | | | | | | | |

100% – Аъло

90%– Хеле хуб. Саволҳоеро, ки ба онҳо ҷавоби нодуруст додед, тафтиш кунед.

80%– Хуб. Дарсро аз нав хонда бароед.

Аз 80% камтар – Тамоми дарсро аз нав омӯзед.